10 МЛН ДАРОМАДИ БЛОГЕРОНИ ТОҶИК ДАР 6 МОҲ с.3
КУМАКИ РУСИЯ БА МАКТАБҲОИ ТОҶИКИСТОН с.2
5 МЛН КУМАК БА ШАҲРВАНДОНИ БЕКОР с.5

ТОҶИКИСТОН
№33 (1544)
16.08.23
~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~



НИШАСТАНДУ ГУФТАНД
АЗ ОДАМРАБОЙ ТО ОДАМКУШӢ







МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —
Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ БЕ ЯГОН ФОИЗИ ИЛОВАГӢ СУПОРЕД

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ
- Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновариии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

ДАР ИН ШУМОРА:

КӮЛОБ
Аз кумак ба маъюбон то дастоварди кишоварзон с.6

СММ:
Толибон аз имтиҳон нагузаштанд с.3

ФАЙЗИДДИН ҚАҲҲОРЗОДА:
Тоҷикистон дар пардохти қарз мушкил надорад с.3

ВАЗОРАТИ ИҚТИСОД
Гӯшту биринҷу шакар қиммат, орду тухму равған арзон шуд с.5

ХАТЛОН
Сифати корҳои сохтмонӣ назорат мешавад с.8

ХУРШЕД КАРИМЗОДА:
Содирот 53% коҳиш ёфт с.7

БОХТАР
Имкониятҳо самаранок истифода мешаванд с.9

ВАРЗИШ
Тоҷикистон бо 13 медал мақоми 8-умро гирифт с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ПРЕЗИДЕНТ ДАР БАДАХШОН

Аз ифтитоҳи иншоот то гиромидошти арбобони санъат

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ба чандин иншооти таълимӣ ва амниятӣ ифтитоҳи расмӣ бахшид.

Дар ибтидо Сарвари кишвар бо ҷараёни корҳои таҷдиду навсозии қитъаи роҳи "Қалъаи Хумб - Ванҷ, сарҳади ноҳияи Рӯшон", ки 109 км тӯл мекашад, шинос шуд.

Ҳамчунин, дар ноҳияи Дарвоз Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон «Майдони ромишгарон»-ро бо муҷассамаҳои арбобони санъат - Акашариф Ҷураев, Борбади Марвазӣ ва Абдулло Назрӣ ифтитоҳ кард.

Ҳамчунин, дар маркази ноҳияи Дарвоз бинои Гимназияи рақами 1 барои хонандагони болаёқат ифтитоҳ гардида, Сарвари давлат бо лоиҳаҳои бинои нави Беморхонаи марказӣ ва бинои нави шуъбаи ВКД дар ноҳияи Дарвоз шинос гардид.

Дар идомаи сафар Эмомалӣ Раҳмон дидбонгоҳи сарҳадии "Қалъаи Хумб"-ро ифтитоҳ намуд.

Ҳамчунин, дар отряди сарҳадии "Дарвоз" дидбонгоҳҳои муосири сарҳадии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои Мурғоб, Ишкошим, Рӯшони Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, Фархор, Шамсиддин Шоҳин ва Панҷи вилояти Хатлонро ба таври маҷозӣ мавриди истифода қарор дод.



КУМАКИ РУСИЯ БА МАКТАБҲОИ ТОҶИКИСТОН

Русия дар чаҳорчӯбаи Барномаи ҷаҳонии ғизои СММ ба Тоҷикистон маҳсулоти ғизоӣ, аз ҷумла орду равған фиристод. Дар ин бора Сафорати Русия дар Тоҷикистон хабар додааст.

Маросими супоридани кумакҳои башардӯстона ба Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон аз ҷониби намояндагони дипломатӣ баргузор гардид:

- 68 тонна орди гандуми витаминдор;

- 117 тонна равғани офтобпараст;

- 202 тонна нахӯд.

Дар ояндаи наздик боз 877 тонна орд супурда мешавад.

Дар ҳамин ҳол, як бахши қисми дигари кумакҳои башардӯстона ба вилояти Суғд, аз ҷумла беш аз 1,3 ҳазор тонна орд равон карда мешавад.

Дар маҷмуъ, Русия ба Тоҷикистон 4,5 тонна кумаки башардӯстона фиристодааст, ки он барои дастгирии Барномаи ғизои мактабӣ дар кишвар, ки ду ҳазор муассисаи таълимии 52 ноҳия ва шаҳрро фаро мегирад, равона мешавад.



НИЛУФАР ТОҶИКИСТОНРО ДАР РУСИЯ МУАРРИФӢ МЕКУНАД

Тоҷикистонро дар ҷашнвораи 14-уми байналмилалии хайриявӣ дар Русия хонандаи синфи 10-ум муаррифӣ мекунад.

Дар натиҷаи марҳилаҳои интихобӣ дар Русия ва ҳашт давлати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштироккунандагони ҷашнвораи 14-уми байналмилалии хайриявӣ муайян гардиданд. Дар байни онҳо хонандаи синфи 10-уми литсейи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Нилуфар Азизоваи 16-сола низ мебошад.

Дар даври интихобӣ Нилуфар Азизова таронаи «Вақте ки ту бовар мекунӣ»-ро («When You Believe») пешниҳод намудааст.

Ба гуфтаи созмондиҳандагон, ҳунари ӯ аз ҷониби аъзои ҳакамон, Ҳунарпешаи мардумии Русия Диана Гуртская баҳои баланд гирифтааст.

Гуфта мешавад, ки 10-уми октябр дар шаҳри Москва гала-консерти фестивали «Асои сафед» барпо мегардад. Дар он ситораҳои эстрадаи Русия дар як саҳна бо кӯдакону наврасони биноиашон суст ҳунарнамоӣ менамоянд.

САРИ САБЗ



Хусрав ДАМОНЗОДА,
раиси ноҳияи Варзоб

- Дар деҳаи Фанфарок, ки масофааш аз маркази ноҳия 8 км аст, як шаршараи зебо аст. Ин хатсайр барои пиёдагардӣ бисёр хуб аст. Инчунин, барои сокинони шаҳр, ки хаста мешаванду мехоҳанд дар табиат истироҳат кунанд, тамошои мавзеи мазкур роҳатбахш аст.


- Ҳаҳаҳаҳ, муҳтарам раис, шояд ҳамон деҳаи Фанфарокӣ гуфтаатон ягон роҳи обод надоштагист-ҳа!? Агар ҳамин хел бошад, ҳар касе, ки пиёда меравад, дар болои санг ҳам хобаш мебараду истироҳат мекунад.



Абдулҳамид САМАД,
Нависандаи халқии Тоҷикистон

- Аслан вазифаи адабиёт тарбияи инсон аст, инсонро дар ҳамон мартабаи инсониаш нигоҳ доштан аст. Мо борҳо шоҳид шудаем, ки дар ин замон ва дар замонҳои гузашта, агар инсон аз меҳвари ҳуд берун равад, аз тамоми навъи вуҳуш ваҳшитар мешавад.

- Устоди азиз, агар адабиёт ҳамин қадар вазифаву нақши бузург дошта бошад, метавонед мушаххас аз нафароне ном баред, ки ё дар гузашта ё ҳозир аз меҳвари ҳуд берун рафтаву ба олами вуҳуш наздик шуда бошанд?



Сино ҲОТАМӢ,
шоҳмотбози ҷавони тоҷик

- Бобоям шоҳмотбоз буданд ва аз ҳамон давра дар хонаводаи мо бозии шоҳмот ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мо табдил ёфтааст. Мо мехоҳем истеъдоди худро сайқал диҳем ва ба дигарон ҳам омӯзонем. Чунки шоҳмот - ин варзиши ақл аст ва ҳар кас бояд онро балад бошад.

- Ҳммм, яъне нафароне, ки бозии шоҳмотро балад нестанд, беақланд? Ё шумо, ки бозии шоҳмот бароятон аллакай касб аст ва шояд аз пушти он маблағи зиёд ба даст меоред, аз рӯйи дӯстдорӣ чунин суҳани риторикӣ гуфтед?

ТОЛИБОН АЗ ИМТИҲОН НАГУЗАШТАНД

Аз нақзи ҳуқуқи инсон то хатар ба минтақа

Аз ғасби Афғонистон аз ҷониби ҳаракати Толибон* 2 сол сипарӣ мешавад. Ба ин муносибат ҳафтаи равон бештари расонаҳои ҷаҳонӣ фаъолияти дусолаи ҳукуматдории онҳоро натиҷагирӣ намуданд. Дар Душанбе низ санаи 15-уми август як ҳамоиш бо ширкати коршиносон ва суханронии Аҳмад Масъуд баргузор шуд…

Хатари Толибон ба минтақа

Зимни ҳамоише, ки дар Душанбе бо ширкати коршиносони масоили Афғонистон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон санаи 15-уми август баргузор шуд, Аҳмад Масъуд, роҳбари Ҷабҳаи муқовимати миллӣ аз он изҳори нигаронӣ кард, ки кишварҳои ҷаҳон ба мушкили Афғонистон хунукназарӣ зоҳир карданд. Ӯ дар суҳбати онлайнӣ гуфт, ки аз рӯзҳои нахустин фақат Тоҷикистон дар паҳлуи онҳо буд.

“Раисиҷумҳури Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадани гурӯҳи Толибон мавқеи кишварашро мушаххас карда, онро ба ҷаҳониён эълон дошт. Бо гузашти замон собит шуд, ки мавқеи Ҳукумати Тоҷикистон бар зидди гурӯҳи ғаддори Толибон комилан дуруст будааст”,- гуфт номбурда.

Генерал Зоҳир Ағбар, сафири Афғонистон дар Тоҷикистон бошад, дар суҳбат ба “Азия плюс” гуфт, ки Толибон барои кишварҳои минтақа ва ҷаҳон хатарзо ҳастанд. “Мо набояд назари саҳлангорона дошта бошем, жарф бинигарем, Толибон имрӯз дар арсаҳои мухталиф мушкилофар шудаанд. Мо ҳузури 21 гурӯҳи террористиро дар гӯшаҳои гуногуни Афғонистон мушоҳида мекунем, ки хатари амиқ ба минтақа ва ҷаҳон дорад. Баста шудани мактабҳои техникӣ ва боз шудани мадрасаҳои чиҳодиро шоҳид ҳастем, ки ҳазл нест ва паёмадҳои сангинро дар пай хоҳад дошт. Толибон иддао мекунанд, ки “мо амирулмуъминини ҷаҳон ҳастем” ва ба ҳамин мастӣ ҳам ҳастанд. Ман бовар дорам, ки онҳо ҷангҳои худро густариш медиҳанд. Аз ин хотир, ин бовари Толибонро бояд шикаст ва аввалан мардуми шарифи Афғонистон ва сониян минтақа ва ҷаҳонро ба амният расонд” мегӯяд, номбурда.

Умеде, ки барбод рафт…

Ҳафтаи равон дар сомонаи Маркази иттилоотии СММ гузориши коршиносони мустақили СММ оид ба фаъолияти дусолаи ҳукуматдории ҳаракати Толибон нашр шуд. Гузоришгарон менависанд, ки Толибон ба нақзи зиёди ҳуқуқи башар идома медиҳанд, аз ҷумла тавассути амалисозии як низоми табъизи сартосарӣ ва ғуломии занону духтарон.

Ба гуфтаи онҳо, тафовут байни ваъдаҳо ва амалкардҳои воқеии мақомоти Афғонистон зиёд шуда, умеди аз ҷониби Толибон тағйир додани сиёсати худ амалӣ нашудааст.



Коршиносон ҳамчунин аз гузоришҳои доимӣ ва муътамад дар бораи қатлҳои ғайрисудӣ ва ғайб задани маҷбурӣ, бездошти густурдаи худсарона, шиканҷаву рафтори берахмона ва ихрочҳои худсарона нигаронанд.

Муаллифони изҳорот зикр мекунанд, ки аз ҳама бештар занону духтарон, ақаллиятҳои этникиву динӣ ва дигар ақаллиятҳо, шахсони имкониятошон маҳдуд, афроди кӯчонидашуда, ҳомиёни ҳуқуқ ва дигар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, рӯзноманигорон, ходимони фарҳанг, омӯзгорон, инчунин собиқ хидматчиёни давлатӣ ва кормандони мақомоти амният азият мекашанд.

Тибқи арзёбиҳо, тақрибан 16 миллион кӯдак дар Афғонистон аз маводи ғизоии заминавӣ ва кумаки тиббии зарурӣ барои некӯаҳволӣ ва рушд маҳруманд.

Таназзули иқтисодӣ равишҳои зараровар ва зӯроварӣ, аз қабили издивочи иҷборӣ ва хонадоркунии кӯдакон, рафтори берахмона, истисмори иқтисодӣ ва ҷинсӣ, фурӯши кӯдакон ва узвҳо, меҳнати маҷбурӣ ва кори кӯдакон, хариду фурӯши одамон ва муҳоҷирати хатарнокро афзоиш медиҳад.

Коршиносони мустақили СММ амалан аз мақомоти Афғонистон даъват мекунанд, ки сиёсати худро тағйир бидиҳанд, вале таҳлилгарон бар онанд, ки муҳол аст, ин ҳарфҳо ба Толибон таъсир бикунад...

О. СОҲИБЗОДА

***Толибон - ташкилоти террористии фаъолияташ мамнуъ дар Тоҷикистон ва бисёр кишварҳои ҷаҳон.**



ҲУҚУҚҲОИ ЗАНОН ВА ТОЛИБОН

Баъди сари қудрат омадани толибон моҳи августи соли 2021 дар Афғонистон вазъи ҳуқуқи занон чӣ гуна тағйир ёфт?

СЕНТЯБРИ СОЛИ 2021

- Вазорати кор бо занон бекор карда шуда, дар заминаи он Вазорати тарғиби некӣ ва пешгирии бадкорӣ таъсис ёфт.
- Ба мактаб рафтани духтарони синфи шашум ва аз он боло манъ карда шуд.
- Дар самти ба варзиш машғул гардидани занон маҳдудият ҷорӣ карда шуд.

ДЕКАБРИ СОЛИ 2021

- Оид ба ҳуқуқҳои занон фармони махсус бароварда шуд, ки дар он зикри ҳуқуқ ба таҳсил ва меҳнат вуҷуд надорад.
- Ба сафари беш аз 72 км рафтани занон бе роҳбаладии хеши наздики мардашон манъ карда шуд.

МАРТИ СОЛИ 2022

- Сафарҳои ҳавоии занон бидуни ҳамроҳии хешованди мардашон манъ карда шуд.
- Назди занон аз рӯйи рӯзҳои ҳафта барои рафтан ба боғҳои вақтхушӣ маҳдудият гузошта шуд.

МАЙИ СОЛИ 2022

- Занҳоеро, ки дар телевизион зоҳир мешаванд, уҳдадор карданд, то ҳангоми намоиш рӯяшонро пӯшонанд.
- Талаботи ҳиҷоб пӯшидани занон дастгирӣ ёфт.
- Ба занон тавсия дода шуд, ки бидуни зарурат аз хона берун набароянд.

ИЮНИ СОЛИ 2022

- Мактабдухтарони аз синфи чор то шашумро уҳдадор карданд, ки дар роҳ ба мактаб рӯяшонро пӯшонанд.

НОЯБРИ СОЛИ 2022

- Дар Кобул ба боғҳои вақтхушӣ ва толорҳои варзишӣ рафтани занон манъ карда шуд.

ДЕКАБРИ СОЛИ 2022

- Дар донишгоҳ таҳсил кардани занон манъ карда шуд.
- Кор кардани занон дар ташкилотҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла СММ, ба ҷуз ташкилотҳое, ки дар самтҳои тандурустӣ, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока ва маориф фаъолият мебаранд, манъ карда шуд.

Аз нашрияҳои матбуотӣ

Файзиддин Қаҳҳорзода:

ТОҶИКИСТОН ДАР ПАРДОХТИ ҚАРЗ МУШКИЛ НАДОРАД



Қарзи давлатии Тоҷикистон ба 3,6 миллиард доллар ва қарзи беруна ба 3,2 миллиард доллар баробар шудааст.

Дар ин бора Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон 15-уми август зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Файзиддин Қаҳҳорзода гуфт, ки дар пардохти қарз ва иҷрои уҳдадорӣ Тоҷикистон ягон мушкил надорад.

«Қарзи мо аз хавф берун аст. Дар доираи стратегияи иқтисодии Тоҷикистон ин миқдор қарз аз созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ гирифта шудаанд»,- гуфт вазир.

Гуфта мешавад, ки Тоҷикистон аз 0,45 то 1,5 фоиз барои қарзи гирифтааш пардохт мекунад.

ДАР ХАТЛОН БЕШ АЗ 6000 ИНШООТ МЕСОЗАНД



Дар доираи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар вилояти Хатлон сохтмони 6 ҳазору 260 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст.

Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ гуфт, ки давоми шаш моҳи соли ҷорӣ дар 1 ҳазору 447 иншоот корҳои сохтмонӣ ба охир расидааст. Ӯ ҳамчунин афзуд, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар маҷмуъ бунёди 6 ҳазору 260 бинову иншоот ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҳамин ҳол, Давлаталӣ Саид аз кам будани ҷойи бозии кӯдакон ва сохтани иншоот дар ҷойи гаштугузори сокинон дар шаҳри Бохтар изҳори нигаронӣ кард. Ӯ афзуд, ки минбаъд дар шаҳри Бохтар сохтмони иншоот дар дохили биноҳои баландошёна намешавад.

10 МЛН. ДАРОМАДИ БЛОГЕРОНИ ТОҶИК ДАР 6 МОҲ



Дар 6 моҳи соли равон блогерон ба мақомоти андози Тоҷикистон беш аз 20 ҳазор сомонӣ супоридаанд.

Тавре Нусратулло Давлатзода, раиси Кумитаи андози Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, онҳое, ки ба блогерӣ ё дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланду дар мақомоти андоз сабти ном шудаанд, ба 81 нафар расидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 49 нафар зиёд мебошанд.

Даромади онҳое, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, дар давоми 6 моҳ зиёда аз 10 млн сомониро ташкил додааст.

БМТ:

ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ, РУШДИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ ВА ТАЪМИНИ ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ ТАЪМИН ХОҲАД ШУД

11-уми августи соли 2023 тибқи нақшаи Даст-гоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷики-стон аз 10.07.2023, №26/10-249 барои намо-яндагони ВАО-и дохил ва хориҷи кишвар таҳти раёсати муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо иштироки муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирӯз Шарифзода ва Гулбаҳор Назирӣ ва роҳбарони воҳидҳои сохтории калидии бонк нишасти матбуотии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2023 баргузор гардид.



Нахуст муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2023 фаъолияти худро барои татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ, рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва дигар воситаҳои молиявӣ идома дода, баҳри таъмини муътадилии сатҳи нархҳои дохилӣ ва устувории қурби пули миллӣ, нигоҳ доштани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, инчунин таъмини фаъолияти босуботу бехатари низоми пардохт чораҳои зарурӣ андешидааст.

Ба туфайли чораҳои андешидашуда дар нимсолаи якуми соли равон сатҳи таваррум 2,3 фоизро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 3,0 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ 2,9 фоиз ба амал омада, хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,4 фоиз раванди коҳишёбӣ доштааст.

- Бонки миллии Тоҷикистон,- гуфт зимни суханронӣ Ф. Толибзода,- дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ ҷиҳати идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ-қурбӣ ва фаъолгардонии бозори молиявӣ 50 музоядаи фурӯши коғазҳои қимматноки Бонки миллии Тоҷикистонро ба маблағи 3,7 млрд сомонӣ баргузор намуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2022 ҳаҷми он 10,7 фоиз зиёд мебошад. Дар баробари ин, дар ин давра аз ташкилотҳои қарзӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озод ҷалб карда шуданд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 700 млн сомониро ташкил менамояд.

Қайд гардид, ки меъёри бозтамвил, ки ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ ба ҳисоб меравад, бо назардошти дар сатҳи поёнии ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ аз аввали соли 2023 тадриҷан ба андозаи 3,0 б.ф. паст карда шуда, дар сатҳи 10,0 фоизи солона муқаррар гардидааст.

Зимни суханронӣ муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор намуд, ки дар нимсолаи якуми соли 2023 Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати қурбиро тибқи реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” идома дод. Дар ин давра қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ 7,0 фоиз (аз 10,2024 сомонӣ дар санаи 31.12.2022 то ба 10,9140 сомонӣ дар санаи 30.06.2023) баланд шудааст.

Ҳамзамон қурби расмии миёнадавраи доллари ИМА нисбати сомонӣ дар ин давра ба 10,7 сомонӣ баробар гардида, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 9,0 фоиз паст мебошад.

- Агар ба вазъи иқтисоди ҷаҳон дар ин давра назар андозем,- таъкид намуд Ф. Толибзода,- маълум мегардад, ки қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нисбати доллари ИМА тағйир ёфтаанд. Барои мисол, қурби тангаи Қазоқистон 1,8 фоиз устувор ва қурбҳои лираи Туркия 38,1 фоиз, рубли Федератсияи Россия 23,7 фоиз, рубли Белорус 10,8 фоиз, юани Чин 5,1 фоиз, суми Ӯзбекистон 2,3 фоиз ва соми Қирғизистон 1,8 фоиз нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфтаанд.

Таъкид гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ 64 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 26 адад фонди қарзии хурд фаъолият намудаанд.

Теъдоди воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, дар санаи ҳисоботӣ ба 1 881 адад баробар шуда, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 33 адад зиёд шудааст.

Дар баробари ин, дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 ба андозаи 33,5 млрд сомонӣ ва 26,5 млрд сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 мутаносибан 33,1 фоиз (ё 8,3 млрд сомонӣ) ва 37,4 фоиз (ё 7,2 млрд сомонӣ) афзоиш ёфтаанд.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, ба санаи 30-юми июни соли 2023 ба 7,0 млрд сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ба 1,1 млрд сомонӣ ё 18,9 фоиз зиёд шудааст.

Ба санаи 30-юми июни соли 2023 бақияи умумии пасандозҳо 17,0 млрд сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 47,9 фоиз зиёд мебошад.

Қобили қайд аст, ки аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо ҳиссаи он бо пули миллӣ 52,3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 47,7 фоизро ташкил намудааст, ки аз паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва зиёд шудани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ шаҳодат медиҳад.

Агар ба таркиби бақияи умумии пасандозҳо назар андозем, 7,7 млрд сомонӣ ё 45,1 фоизи он ба шахсони ҳуқуқӣ ва 9,3 млрд сомонӣ ё 54,9 фоиз ба шахсони воқеӣ рост меояд.

- Тавре маълум аст,- гуфт Фирдавс Толибзода,- маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ ба шумор меравад.

Ҳаҷми қарзҳои додашуда дар нимсолаи якуми соли 2023 маблағи 9,3 млрд сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 2,7 млрд сомонӣ ё 42,1 фоиз афзудааст.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда ба бахшҳои истеъмолот 40,0 фоиз, кишоварзӣ 15,3 фоиз, савдои хориҷӣ 11,5 фоиз, саноат 18,2 фоиз, хизматрасонӣ 6,8 фоиз, сохтмон 3,8 фоиз, нақлиёт 0,6 фоиз ва ба дигар соҳаҳо 3,8 фоиз рост меояд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 41,5 фоиз ё маблағи 3,8 млрд сомонӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ дода шудааст.

Дар нимсолаи якуми соли равон маблағи 6,4 млрд сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,4 фоиз зиёд мебошад.

Фоизи миёнавазни қарзҳо дар моҳҳои январ-июни соли 2023 бо пули миллӣ 23,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 12,2 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо пули миллӣ 0,7 б.ф. кам ва бо асъори хориҷӣ 0,3 б.ф. зиёд гардидаанд.

Таъкид карда шуд, ки меъёри кифоятии сармоя, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад, ба санаи 30-юми июни соли 2023 ба андозаи 24,4 фоизро ташкил намуда, нисбат ба талаботи муқарраршуда 12,4 б.ф. зиёд мебошад.

Меъёри пардохтпазирии низоми бонкӣ бошад, то 30-юми июни соли 2023 ба 84,5 фоиз баробар гардида, нисбат ба талаботи муқарраршуда 54,5 б.ф. зиёд гардидааст.

Дар ин давра қарзҳои ғайрифаъол 11,4 фоизи сандуқи қарзиро ташкил додаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8 б.ф. коҳиш ёфтааст.

Дар маҷмуъ, натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба интиҳои моҳи июни соли 2023 бо фоида ба маблағи 747,4 млн. сомонӣ ҷамъбаст гардидааст.

Даромаднокии дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ 4,5 фоиз ва даромаднокии сармояи он бошад, 21,3 фоизро ташкил намудааст.

(Давомаш дар саҳ. 11)

Гӯшаи нави **“ПОЙТАХТ”** дар ҳафтаномаи **“ТОҶИКИСТОН”** фарогири дастовардҳои шаҳри Душанбе, инъикоси камбудиҳо ба хотири рафъ намудан, назари масъулин ва минбари сокинони пойтахт аст. Агар шумо шоҳиди камбудие дар Душанбе шудед, ба мо нависед. • **E-MAIL:** tojikiston@pressa.tj • PRESSA.TJ • **ТЕЛ:** 93-111-08-61

Мушкилот

“ПРОБКА” ДАР САДБАРГ

То кай гӯш ба карию чашм ба кӯрӣ мезанем?



Аз Маркази савдои "Садбарг" мегузаштам. Манзарае, ки пеш ҳам медидам, ин бор ба назарам бадтарин буд.

Ду хати назди истгоҳро таксиҳои зард банд кардаанд, ронандагонашон дар интизори клиент, саргарми телефонбозӣ. Пештар аз онҳо газелҳои Ваҳдат. Троллейбусу автобусҳо ноилоҷ дар хати сеюм қарор мегиранд ва одам савор мекунанд ва чун аз қафо пайваста сигнали "ҳаракат кун" ба гӯш мерасад, илоҷе надоранд зиёдтар истанд ва саросема ҳаракат мекунанд.

Кормандони милисаро ҳам дидам, ки бахши бозорро ба танзим медароранд ва қуттиҳои берун аз мағозаҳоро дохили мағоза мекунанд. Вале ягон корманди БДА-ро надидам, ки ин манзараро барояш нишон диҳам, ҳарчанд агар мебуд, худ медид.


Суол ин нест, ки чаро ман ин манзараро дидам. Суол ин аст, ки мо ҳамарӯза инро мебинему борҳо навиштаем. Вале дар як гӯшаҳаки хеле хурду серомадурафти пойтахти кишвар моҳҳову солҳо нақлиётро ба низом намедароранд. Ҳол он ки, дар тарафи муқобил, самти фурудгоҳ аз ду ҷониб бадтар аз ин аст. Ба истилоҳ ҳамеша "пробка". Сабаб боз ҳамон таксиҳои қонуниву ғайриқонунӣ, ки ба самти бозорҳои “Саховат”-у “Корвон” одам ҷамъ мекунанд.

Билохира, оё ниҳоде дар шаҳрдории Душанбе пайдо мешавад, ки ҷилави ин мошинҳои худсарро бигирад? То кай нависанду гӯянд, вале масъулин гӯш ба карӣ зананду чашм ба кӯрӣ?


Бобоҷони ШАФЕЪ,
сокини пойтахт

НАҚЛИЁТИ МУСОФИРБАР ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

86 Хатҳои ҳаракати нақлиёт, ки 4 ноҳияи шаҳр ва атрофи он, аз ҷумла ноҳияи Рӯдакӣ ва Варзобро ба пойтахт мепайвандад



773 автобусу троллейбус



1557 мусофирбари хурд



4350 таксӣ

Ҳамарӯза дар хати ҳаракат:

381 автобус

80 троллейбус

1025 мусофирбари хурди хусусӣ

2748 таксӣ



Манбаъ: шаҳрдории Душанбе

Омор

ДАР ДУШАНБЕ ТАВАЛЛУД ЗИЁД ШУДААСТ

Дар Тоҷикистон таваллуд кам ва фавт зиёд шудааст. Директори Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон Ҷамшед Нурмуҳаммадзода ба хабарнигорон гуфт, ки дар моҳҳои январ-июни соли равон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта сабти таваллуд дар ҷумҳурӣ 3 фоиз кам шуд.



Мавсуф афзуд, ки тамоюли камшавии сабти таваллуд дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба ғайр аз шаҳри Душанбе мушоҳида мегардад.

Ҷамшед Нурмуҳаммадзода гуфт, ки камшавии сабти таваллуд дар вилояти Хатлон 2,9 фоиз (44,9 ҳазор кӯдаки навзод), дар вилояти Суғд 3,9 фоиз (25,7 кӯдаки навзод), дар навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 6,5 фоиз (23,9 ҳазор кӯдаки навзод) ва дар Бадахшон 5,5 фоиз (1,6 ҳазор кӯдаки навзод)-ро ташкил намудааст. Дар ин давра сабти таваллуд дар шаҳри Душанбе зиёд шуда, 8,3 фоиз (10,8 ҳазор кӯдаки навзод)-ро ташкил намуд. Бақайдгирии шахсони фавтида дар шашмоҳаи аввали соли равон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 фоиз зиёд шуда, 17 ҳазор нафарро ташкил дод. Зиёдшавии сабти шахсони фавтида дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон мушоҳида шудааст.

Аз нишастҳои матбуотӣ

5 МИЛЛЛИОН КУМАК БА ШАҲРВАНДОНИ БЕКОР



Дар шаш моҳи соли равон аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба 1355 нафар шаҳрванди бекор қариб 5 миллион сомонӣ кумак расонида шудааст.

Муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Қиёмиддин Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон гуфт, ки аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба 195 нафар шаҳрванди бекор 625,7 ҳазор сомонӣ, дар вилояти Суғд ба 460 нафар 1,6 миллион, дар вилояти Хатлон ба 299 нафар 1,3 миллион сомонӣ, дар шаҳри Душанбе ба 50 нафар 223,0 ҳазор сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 351 нафар ба андозаи 1,2 миллион сомонӣ кумаки молиявӣ расонида шудааст.

ГӮШТУ БИРИНҶУ ШАКАР ҚИММАТ, ОРДУ ТУХМУ РАВҒАН АРЗОН



Соли ҷорӣ нархи гӯшти гов 4,3 фоиз, картошка 28,6 фоиз, биринҷ 43 фоиз ва шакар 23,5 фоиз баланд шудааст.

Инчунин, нархи орди навъи 1-ум 17 фоиз, равғани растанӣ 22,9 фоиз, помидор 71,6 фоиз, бодиринг 57,4 фоиз, тухм 21,2 фоиз ва шир 1,9 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар ин бора зимни нишасти хабарӣ муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Ашӯрбой Солеҳзода иттилоъ дод. Таъкид гардид, ки дар соли равон сатҳи таваррум дар сатҳи 2,3 фоиз муътадил нигоҳ дошта шуд.

Ин аз ҳисоби 3 фоиз болоравии нархҳои маҳсулоти озуқа ва 2,9 фоиз молҳои ғайриозуқаворӣ ташаккул ёфтааст.

АВВАЛИН ҶАРРОҲИИ БЕМОРИИ САРАТОН ДАР ДУШАНБЕ



Соли равон маротибаи аввал аз ҷониби устоди Донишкадаи тибби-иҷтимоии Тоҷикистон ҷарроҳии стентмонии дарунниғарии узвҳои ҳозима дар мавриди саратони сурхрӯда бо оризаи тангшавии он гузаронида шуд.

Дар ин бора ректори донишкадаи мазкур Зарина Ибодзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Усули ташхис ва амалиёти дарунниғарии ретроградии холесисто-панкреатографӣ ҳангоми бемориҳои санги роҳҳои талхагузар ва тангшавии он низ аз ҷониби устодони ин донишкада бо муваффақият гузаронида шудааст.

Ҳамчунин, дар соли равон аз тарафи омӯзгорони донишкада 3 намуди иловаҳои фаъоли биологӣ коркард шуд: малҳами Маклюфер (ширааи камол ва маклюфер), қиёми Псоралея (барои касалиҳои пӯст) аз растаниҳои табиати мамлакат.

ПУЛИ ХАТАРЗОИ ВОСЕЪ КАЙ ТАЪМИР МЕШАВАД?



Дар нишасти матбуотии раиси ноҳияи Восеъ Шарифзода Ҷамшед масъалаи садамавӣ будани пули болои дарёи Ёхсу мавриди арзёбӣ қарор гирифт.

Болои дарёи Ёхсу дар ноҳияи Восеъ ба тарафи Кӯлоб пуле мавҷуд аст, ки шояд аз бунёди он 50 сол гузашта бошад.

- Дар ин муддат, қисса мекунад роҳбари идораи роҳсозии ноҳия,- боре онро таъмири асосӣ он сӯ истад, ҳатто дарбеҳи оддӣ накардаанд. Мегӯянд, ки вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим - намояндаи Ҳукумати марказӣ аз болои ин пули пуртаҳлука гузашта, сӯи Кӯлоб меравад. Вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода бошад, масъули корҳои ободонии ин ноҳияи сернуфусу сернақлиёт аст. Бошад, ки ин ду масъул сари таъмири ин ва дигар пулҳо тасмими амалие бигиранд. То пагоҳ дер нашавад.

761 МИЛЛИОНИ КИШОВАРЗОНИ ФАРХОР



Кишоварзони ноҳияи Фархор дар нимсолаи якум ҳаҷми маҳсулотро ба беш аз 761 миллион сомонӣ расониданд.

Ба суоли хабарнигор оид ба фоидаовар ё зараровар ҷамъбаст намудани ҳосилғундорӣ раиси ноҳия Зариф Назирӣ гуфт, ки аз рӯи 9 номгӯи маҳсулоти истеҳсолшуда деҳқонон фоида ба даст овардаанд. Аммо шарҳ надод, ки барои истеҳсоли як кило сабзавоту мева, полезиҳою ғалладонагиҳо чӣ миқдор маблағ масраф гардида ва чӣ қадар фоида ё зарар ба даст омад.

ТЕМУРМАЛИК: РОҲ БА СӮЙИ САНОАТИКУНОНӢ



Дар ноҳияи Темурмалик 14 корхонаи саноатӣ фаъолият доранд, ки дар онҳо 3650 нафар бо кори доимӣ таъминанд. Дар ин бора раиси ноҳия Шералӣ Ҳасанзода иттилоъ дод.

Дар давоми шаш моҳи соли 2023 беш аз 10 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шудааст. Агар ин соҳаро бо соҳаи аграрӣ қиёс намоем, фарқ аз замин то осмон аст. Дар 954 хоҷагии деҳқонӣ агар 4 ҳазор нафар ба кишоварзӣ шуғл дошта бошанд, 206,8 миллион сомонӣ ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулотро ташкил медиҳад.

Раиси ноҳия ба саволи он ки кай ноҳия аз аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ табдил меёбад, изҳор дошт, ки ин раванд хеле душвор аст. Хеле хуб мешавад, ки дар ҳалли ҳадафи чоруми кишвар соҳибкорон саҳми бештаре гузоранд.

СОХТМОНИ 9 МАКТАБ ДАР МУЪМИНОБОД



Ба иттилои раиси ноҳияи Муъминобод Лутфия Шарифзода, айни замон дар ноҳия 63 муассисаи таълимӣ фаъолият дорад.

Он чиз қонеъкунанда аст, ки дар олимпиадаҳои фаннӣ дар сатҳи вилоят ва ҷумҳурӣ 44 медалҳои дараҷаҳои гуногунро толибилмон ба даст овардаанд. Шогирдони мактабҳо дар озмунҳои «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Тоҷикистон - оинаи таърихи миллат», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Илм - фурӯғи маърифат» иштирок кардаву натиҷаҳои хуберо соҳиб шудаанд.

Айни замон 95 фисади биноҳои таълимӣ аз таъмир пурра бароварда шудаанд. Мавриди зикр аст, ки дар ноҳия бунёди 9 муассисаи таълимӣ, 9 синфхонаи иловагӣ бомаром идома дорад.

3 МЛН БА МАЪЮБОН ВА НИЁЗМАНДОН



Раиси ноҳияи Ҳамадонӣ Мирзозода Нурулло дар нишасти хабарӣ гуфт, ки ба маъюбон ва ниёзмандон 134 ҳазор сомонӣ аз маблағҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва 3 миллион сомонӣ аз ҷониби соҳибкорон ёриҳои моддӣ расонида шудааст.

Ҳамчунин, дар нишасти раиси ноҳияи Ҳамадонӣ рӯзноманигорон чанд масъалаи дигарро баррасӣ карданд. Аз ҷумла ҳолати тозагию озодагии маркази ноҳия, ҷудо нагардидани маблағ барои истироҳати наврасон дар лагерҳо ва ғ. Ҳол он ки, дар шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ фоизи иҷрои буҷети маҳаллӣ 101,2 фоизро ташкил додааст.

САҲМИ СОҲИБКОРОНИ БАЛҶУВОН



Раиси ноҳияи Балҷувон Бахтиёр Сафарзода гуфт, ки дар ним соли гузашта 689 соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда, бо фаъолияту заҳмати онҳо корҳои зиёди ободонию созандагӣ ба сомон расонида шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 44 субъекти фаъолияткунанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд шудааст.

Дар ноҳия 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 5 миллиону 300 ҳазор доллари амрикой амалӣ шудааст. Дар панҷ сол дар маҷмуъ амалисозии 129 лоиҳа дар назар дошта шудааст. То нимсолаи аввали соли 2023-юм 51 лоиҳа ба маблағи 88 миллион сомонӣ ба иҷро расонида шудааст.

Бо иқдоми соҳибкорон дар ноҳия аллакай биноҳои нави 7 таълимгоҳ, 4 синфхона, бунгоҳи тиббӣ, Маркази саломатӣ сохта шуда, 80 адад компютерҳо харидаву ба мактабҳо додаанд ва корхонаи коркарди нафту гази «Балҷувон» сохта шудааст. Ҳоло бошад, бунёди фурудгоҳ, марказҳои зиёди хизматрасонӣ идома дорад.



Нурулло ҲАСАНОВ

Ҳама чиз дар бораи IT



Муаллифи гӯша:
Максим ШУМСКИХ,
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
Аз ҳама ҷолиб дар Telegram:
t.me/matador_it

ТАРИҚИ СОМОНА ЧӢ ТАВР ПУЛ КОР КАРДАН МУМКИН АСТ?

"Инҷо низ ҳама чиз мисли ҳаёти воқеӣ аст: аввал барои сомона кор мекунед, баъдан он барои шумо кор мекунад!"

Якчанд роҳҳои асосии пулакӣ кардани имкониятҳои манбаи интернетии шумо мавҷуданд. Ва вақте ки шумо онро таҳия мекунед, танҳо дар марҳилаи корбурди идея бояд аллакай фаҳмед, ки ҳангоми ба кор андохтани он бо кадом роҳ пул кор хоҳед кард. Роҳ: аввал ман онро ба кор меандозам, баъдан муайян месозам - агар нодуруст бошад, бо эҳтимолияти зиёд он лоиҳаи шуморо дар қабристони бузурги интернетии стартапҳо дафн мекунад.

Фурӯши мол ё хизматрасониҳо дар сомона

Ин роҳи осонтарин ва маъмултарин аст. Аксар вақт чунин мешавад, ки шумо аллакай тиҷорат доред ва танҳо мехоҳед шумораи муштариёнро зиёд кунед. Сомона таъсис диҳеду таблиғ кунед ва муштариёни нав ба даст меоред. Махсусан дар бозорҳои рӯ ба тараққӣ мағозаҳои интернетӣ маъруфият касб мекунанд, ки фурӯшҳои онлайнии онҳо дер ё зуд аз фурӯши офлайнӣ зиёдтар мешавад ва онҳо метавонанд гипермаркетҳои онлайнӣ бошанду ҳама чизро, аз чуткаи дандоншӯйӣ то яхдон, фурӯшанд.

Рекламаи контекстӣ

Ин як навъ даромад барои танбалтаринҳост: шумо танҳо кодҳои воҳиди таблиғро дар сайт ҷойгир мекунед, ба монанди Google AdSense ва ҳар моҳ аз кликҳо ва таассуроти таблиғотии сомонаи худ даромад мегиред. Аммо як чизи муҳим вуҷуд дорад: барои он ки системаи таблиғот ба шумо имкони ҷойгиркунии онро диҳад, сомона бояд хеле маъруф бошаду трафики зиёд дошта бошад. Нуқтаи дуюм ин аст, ки агар шумо таблиғоти аз ҳад зиёд ҷойгир кунед, мизоҷонатон ба он вокуниши манфӣ хоҳанд дошт, ки боварӣ ба сомонаро коҳиш медиҳаду теъдоде аз корбарон метавонанд ба таври умум плагинҳо (барқароркуниҳои браузер)-ро истифода баранд, ки чунин таблиғҳоро бекор мекунанд.

Фурӯши ҳудудҳои таблиғотӣ

Қариб ҳамон тавре ки дар банди қаблӣ буд, фақат бо фарқияти он, ки шумо ё шуъбаи фурӯшатон қисмҳои баннериро барои таблиғ ба мизоҷон мефурӯшед. Аксар вақт онҳо мизоҷони B2B мебошанд, ки ба таблиғ дар сомонаи шумо таваҷҷуҳ хоҳанд кард. Бартарӣ он аст, ки назар ба таблиғоти контекстӣ, шумо нархро барои ҷойгиркунӣ худатон муқаррар мекунед ва он метавонад ба таври назаррас гаронтар бошад. Аммо боз ҳам рекламадиҳанда ба теъдоди истифодабарандагони манбаи интернетии шумо таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Обунаҳои пулакӣ

Ин як усули хеле маъмули монетизатсия мебошад ва аз гирифтани даромади моҳона аз обуна ба мундариҷае иборат аст, ки корбар ба он таваҷҷуҳ дорад, масалан, дастрасӣ ба дастурҳои пухтупаз ё филмҳо. Ин метавонад ҳисоби махсусе бошад, ки дар портали шумо имтиёзҳо ва имкониятҳои муайян медиҳад. Онҳоро аксар вақт аккаунтҳои мукофотӣ ё профессионалӣ меноманд.

Фурӯши сомона

Бале, бале, шумо барои он сомона таъсис медиҳед, ки онро фурӯшед. Сомонаҳо оид ба маҳсулот, чун қоида, дар якҷоягӣ бо тиҷорат пешниҳод карда мешаванд ва порталҳои интернетӣ бо ягон шакли монетизатсия ба фурӯш гузошта мешаванд.

Ҳангоми ба фурӯш гузоштани чунин портал шумо бояд даромаднокии он, дурнамои афзоиш, таҳлили пурраи трафик ва дигар параметрҳоро ишора намоед.

Агар шумо харидор бошед, пеш аз харид кардан тавсия дода мешавад, то бо коршиносоне тамос гиред, ки на танҳо веб-таҳлилро меомӯзанд, балки ба хусусиятҳои техникӣ - код, функсияҳо, нармафзори сервер ва ғайраҳо таваҷҷуҳ медиҳанд.

Дар анҷом мехоҳам қайд намоям, ки усулҳои дар боло тавсифшударо метавон дар як манбаъ муттаҳид намуд, то ба ин васила даромаднокӣ зиёд карда шавад.

АГАР ШУМО ЯГОН САВОЛ ДОШТА БОШЕД, МЕТАВОНЕД ШАХСАН БА МАН ТАВАССУТИ ТЕЛЕГРАМ НАВИСЕД: @GKMATADOR



ШИКОРИ МУҲОҶИРОН “ФИШОР” НЕСТ?

Посухи Сироҷиддин Муҳриддин

Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин мегӯяд, ки “чорабиниҳои нақшавиву ғайринақшавӣ ҷиҳати ба танзим даровардани равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ” дар Русия фишороварӣ болои муҳоҷирон нест. Ҳол он ки, худи муҳоҷирон аз муносибати сарди мақомоти Русия дар ин авохир нигарон ҳастанд...

Сироҷиддин Муҳриддин гуфт, ки бо назардошти сатҳи баланди муносибатҳои бисёрсамтии Тоҷикистон бо Русия дар миён фишороварӣ ҷой дошта наметавонад.

“Дар мавриди амалиётҳои мунтазами тафтишотии мақомоти қудратии Русия нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Тоҷикистон бояд қайд кард, ки ҷониби Тоҷикистон дурустии амалкарди мақомоти он кишварро мавриди шубҳа қарор намедиҳад”,- гуфт Сироҷиддин Муҳриддин.

Вале ӯ афзуд, ки зимни баргузории чорабиниҳои нақшавӣ ва ғайринақшавӣ ҷиҳати ба танзим даровардани равандҳои муҳоҷирати корӣ бояд ҷониби Русия ҳуқуқу озодиҳои заминавии шаҳрвандони Тоҷикистонро, ки дар ин кишвар кору зиндагӣ мекунанд, риоя кунад.

Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон аз мулоқоти охираш бо Сергей Лавров, ҳамтои русаш мисол овард ва таъкид кард, ки “мо дар ҳама сатҳҳо ин мавқеъро бо ҳамтоёни руси худ таъкид мекунем”.

Ӯ дар идома афзуд, ки намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар Русия масъалаи марбут ба вазъи шаҳрвандони мо ва ҳифзи ҳуқуқи онҳоро мунтазам пайгирӣ менамоянд.

“Мо ҳамеша аз шаҳрвадони Тоҷикистон даъват мекунем, ки зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатии худро дар Русия дар доираи қонунгузорӣ ба роҳ монанд. Ҳамзамон, мақомоти марбутаи Тоҷикистон бо ҳамтоёни худ дар Русия дар мавриди татбиқи созишномаи дахлдори соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла дар ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатии муваққатӣ ва омода намудани онҳо пеш аз сафар ба Русия ҳамкориҳоро тақвият медиҳанд”,- гуфт Сироҷиддин Муҳриддин.

Ёдовар мешавем, ки давоми чанд моҳи охир фишору таъқиби муҳоҷирони тоҷик аз сӯи маъмурони интизомии Русия афзоиш ёфта, боиси нигаронӣ дар Тоҷикистон гардидааст.

КАРИМЗОДА: СОДИРОТ 53% КОҲИШ ЁФТААСТ

Раҳбари Хадамоти гумруки Тоҷикистон Хуршед Каримзода дар нишасти матбуотӣ таъкид кард, ки ҳаҷми содироти маҳсулоти кишвар ба хориҷ 53% коҳиш ёфтааст.



Дар нимсолаи аввали соли равон гардиши тиҷорати хориҷӣ ба 3,3 млрд доллар баробар шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 324,7 млн доллар ё 9% кам мебошад.


Ба гуфтаи вай, аз ин нишондиҳанда теъдоди маҳсулоти воридгардида ба кишвар зиёд буда, он 2,7 млрд долларро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 414,7 млн доллар ё 18% зиёд мебошад.

СОДИРОТИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Дар шаш моҳи аввали соли 2023

Дар нимсолаи аввали соли равон 36 намуди маҳсулоти кишоварзӣ ба 16 давлати хориҷӣ содирот карда шудааст. Дар ин бора Агентии содироти Тоҷикистон хабар медиҳад.

10 МАҲСУЛОТИ АСОСИИ СОДИРОТИИ ТОҶИКИСТОН



Пиёз - 52 ҳазору 982 тонна, $5,4 млн
Соли 2022-юм 65 ҳазору 881 тонна, $6,6 млн



Шафтолуқоқ - 2 ҳазору 764 тонна, $1,1 млн
Соли 2022-юм 2 ҳазор тонна, $1 млн.



Зардолуқоқ - 6 ҳазору 687 тонна, $4,6 млн
Соли 2022-юм 7 ҳазору 792 тонна, $6,7 млн



Мурғи марҷон - 212,5 тонна, $985,5 ҳазор
Соли 2022-юм 8,9 тонна, $62,7 ҳазор



Меваҳои хушки омехта - 12 ҳазору 212 тонна, $3,3 млн
Соли 2022-юм 6 ҳазору 788 ҳазор тонна, $3 млн



Олу - 3 ҳазору 268 ҳазор тонна, $839 ҳазор
Соли 2022-юм 4 ҳазору 294 ҳазор тонна, $872 ҳазор



Зардолу - 8 ҳазору 871 тонна, $2,5 млн
Соли 2022-юм 3 ҳазору 558 тонна, $1 млн



Олуболу ва гелос - 899,4 тонна, $523,3 ҳазор
Соли 2022-юм 586,5 тонна, $352 ҳазор



Ангур - 8 ҳазору 300 тонна, $1,9 млн
Соли 2022-юм 4 ҳазор тонна, $1,4 млн



Себқоқ - $338 ҳазор

Дар 6 моҳи соли 2023-юм 103 ҳазор тонна ва ба маблағи 24,1 миллион доллар маҳсулоти кишоварзӣ содирот шудааст, ки дар қиёс бо ҳамин давраи соли гузашта 12% кам мебошад. Соли гузашта Тоҷикистон дар ин давра 115 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзиро ба маблағи 27,4 миллион доллар содирот карда буд.

Аз нишастҳои матбуотӣ

«ШАҲРИ БЕХАТАР» ДАР ШАҲРИ ВАҲДАТ



Дар шаҳри Ваҳдат низ лоиҳаи «Шаҳри бехатар» амалӣ хоҳад шуд. Мирзо Исмоилзода, раиси шаҳри Ваҳдат дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки ҳоло ба Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон вобаста ба ин ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод шудаанд.

«Ҳадаф аз ин иқдом танзими нақлиёт ва бартараф намудани дигар мушкилот аст. Кӯшиш дорем, ки лоиҳаро ҳарчи зудтар оғоз намоем»,- изҳор дошт Исмоилзода.

Инчунин дар нишаст зикр гардид, ки сафи соҳибкорони шаҳри Ваҳдат рӯ ба афзоиш аст. Мувофиқи омори пешниҳоднамудаи раиси шаҳри Ваҳдат Мирзо Исмоилзода, ҳоло 13356 соҳибкор дар ин шаҳр фаъолият доранд, ки аз инҳо 1264 нафар бо патент, 2272 нафар бо шаҳодатнома, 9035 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 785 шахсони ҳуқуқӣ мебошанд.

АМАЛИШАВИИ 82 ЛОИҲАИ САРМОЯГУЗОРӢ



Айни замон дар мамлакат 82 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 49,1 миллиард сомонӣ баробар ба 4,50 миллиард доллар амалӣ гардида истодааст.

Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки аз аввали татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ ҳамагӣ 21,3 миллиард сомонӣ аз худ гардидааст.

Ҳамзамон дар ин давра дар доираи лоиҳаҳои амалкунанда беш аз 3,2 миллиард сомонӣ ё 298,7 миллион доллар аз худ шудааст, ки ин дар маҷмуъ ба 106 фоизи нақшаи молиявии давраи ҳисоботӣ баробар мебошад. Мавсуф афзуд, ки аз ин шумора дар соҳаҳои энергетика 17 лоиҳа ба маблағи 873 миллион сомонӣ амалӣ гардидааст.

ҲУДУДИ 85 МИЛЛИОНИ БУҶЕТ БАРҚАРОР ШУД



Аз 96,9 млн сомонӣ қоидавайронкунии молиявии ошкоршуда 84,5 млн сомонӣ барқарор шудааст. Дар ин бора раиси Палатаи ҳисоби Тоҷикистон Қарахон Чиллазода иттилоъ дод.

Ин маблағ зимни чорабинии аудиторӣ дар вазорату идораҳо, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар муассисаҳои буҷетии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Аз ҷумла харочоти ғайриқонунии пулию молӣ 9 миллиону 200 ҳазор сомонӣ, камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ 7 миллиону 500 ҳазор сомонӣ, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ 8 миллиону 100 ҳазор сомонӣ, талафи воситаҳои пулию молӣ 6 миллиону 800 ҳазор сомонӣ, маблағҳои кам ҳисобгардида ва рӯйпӯшнамудаи андозҳо 31 миллиону 400 ҳазор сомонӣ, пардохтҳои ҳатмӣ ва дигар пардохтҳо ба буҷет 31 миллион сомониро ва ғ. ташкил медиҳад.

Абдувоҳид Саъдуллозода:

СИФАТИ КОРҲОИ СОХТМОНӢ ҲАМАҶОНИБА НАЗОРАТ МЕШАВАД

Кормандони Раёсати сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлонро сармашқи кори худ қарор дода, баҳри сари вақт азхудкунии маблағҳои ҷудогардида, сифатнокии корҳои иҷрошуда ва иҷроиши нақшаи пешбинишуда чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда истодаанд.



АБДУВОҲИД САЪДУЛЛОЗОДА,
сардори Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон



Барои балоиҳагирии бинои маъмурии Раёсати хадамоти оташнишонии вилояти Хатлон барои 58 корманд 1300,0 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар ошёнаи панҷуми бино утоқҳои корӣ, хонаҳои хоб ва толори калони маҷлисгоҳ ҷойгир карда шудаанд.

Бинои мазкур иншооти ҷашнӣ ба ҳисоб рафта, то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.

Иҷроиши нақшаи маблағгузории соли 2023

Барои сектори ҳокимияти идоракунии давлатӣ 4300,0 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, дар ҳаҷми 3237,9 ҳазор сомонӣ маблағпардозӣ сурат гирифтаву корҳо ба маблағи 3917,4 ҳазор сомонӣ иҷро карда шудаанд.

Барои балоиҳагирӣ ва сохтмони қароргоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамоати деҳоти Обшорони ноҳияи Шаҳритус 1200,0 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, 1168,7 ҳазор сомонӣ маблағпардозӣ гардидаву корҳо ба маблағи 1121,5 ҳазор сомонӣ иҷро карда шудаанд.





Барои сохтмони мактаб барои 624 хонанда дар ноҳияи Ҷайҳун (марҳилаи якум) 4000,0 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, 3036,4 ҳазор сомонӣ маблағпардозӣ сурат гирифтаву корҳо ба маблағи 3738,3 ҳазор сомонӣ иҷро шудаанд.

Барои сохтмони толори варзишӣ дар назди МТМУ №8 барои 320 хонанда дар хочагии Ф. Саидов, ҷ/д Бохтариён, ноҳияи Кӯшониён (навбати 2) 400,0 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, корҳо ба маблағи 373,8 ҳазор сомонӣ иҷро гардидаанд.

Барои соҳаи тандурустӣ, баҳри сохтмони биноҳои ёрирасон дар назди Беморхонаи зидди касалиҳои сироятӣ дар ноҳияи Данғара 1500,0 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, 875,0 ҳазор сомонӣ маблағпардозӣ сурат гирифтаву корҳо ба маблағи 1401,9 ҳазор сомонӣ иҷро карда шудаанд.

Барои соҳаи фарҳанг, баҳри балоиҳагирӣ ва сохтмони Қасри фарҳанг дар ноҳияи Панҷ 200,0 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, корҳо ба маблағи 186,9 ҳазор сомонӣ иҷро шудаанд.

Соли 2023 дар иншооти "Балоиҳагирӣ ва сохтмони қароргоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамоати деҳоти Обшорони ноҳияи Шаҳритус" аз ҷониби пудратчӣ ҶДММ "Рамзи Сомонӣ"-и шаҳри Душанбе ба маблағи 2930,3 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ иҷро гардидаанд.

Дар соли ҷорӣ дар иншооти мазкур бинои посбонгоҳ ба маблағи 1200,0 ҳазор сомонӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

Иншооти нави ҷашнӣ

Бино ба иттилои сардори Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон Абдувоҳид Саъдуллозода, нақшаи тасдиқшудаи маблағгузориҳои асосии Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 10400,0 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ҷумла корҳои сохтмону васлкунӣ 9618,2 ҳазор сомонӣ мебошад.

Тавре зикр гардид, аз иншоот, ки дар соли 2023 ба нақша гирифта шуда буд, сохтмонашон аз солҳои пешин идома ёфта истодааст.

Балоиҳагирӣ ва сохтмони "Бинои маъмурии Раёсати хадамоти оташнишонии вилояти Хатлон барои 58 корманд" дар шаҳри Бохтар иншооти нав мебошад. Сохтмони иншооти мазкур дар асоси қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон №110, аз 25.12.2020 ба нақша гирифта шудааст. Лоиҳаи иншоот аз ҷониби ҶДММ "МГ Партёрҳо"-и шаҳри Душанбе таҳия шудааст.

Бинои сохташаванда аз 5 ошёна иборат хоҳад буд. Ҳаҷми умумии сохтмони бино 6428,19 метри мураббаъ ва масоҳати умумии сохтмони бино 1625,22 метри мураббаъ мебошад.

Дар таҳхона толори хурди варзишӣ, ошхона ва утоқҳои ёрирасон ҷойгир карда шудаанд. Дар ошёнаи якум утоқҳои корӣ ва толори хурди маҷлисгоҳ таҳия гардидааст. Дар ошёнаҳои дуюм, сеюм ва чорум утоқҳои кории кормандон ба нақша гирифта шудаанд.

Ташхиси сифатнокии корҳо

Бино ба гуфтаи сардори Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон Абдувоҳид Саъдуллозода, вобаста ба сифатнокии корҳои сохтмонӣ ва тарҳрезии лоиҳаи иншоот бо КВД "Лоиҳакаши назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон" ва дигар корхонаҳои лоиҳакашӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шуда, ҳамаи лоиҳаҳо сари вақт аз ташхиси давлатӣ гузаронида мешаванд ва дар иншоот корҳои сохтмонӣ аз рӯи лоиҳаҳо сурат мегиранд.

- Бо ташкилотҳои дахлдор дар раванди корҳои сохтмонӣ барои бурдани назорати муаллифӣ шартномаҳо баста мешаванд. Сифати корҳо дар иншооти сохташаванда аз ҷониби Нозирони техникӣ мувофиқи меъёрҳои амалкунандаи сохтмонӣ таҳти назорат гирифта мешавад,- мегӯяд мавсуф.

Раёсат қарздор нест

Ба гуфтаи сардори Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон Абдувоҳид Саъдуллозода, Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон дар нимсолаи якуми соли 2023 аз ҳисоби музди меҳнати кормандон, андозҳои давлатӣ, барқ ва хизматрасонии коммуналӣ қарздор намебошад.

- Оид ба вазифаҳои Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон дар нимсолаи дуюми соли 2023 дарҷ менамоям, ки ҳама қувваро барои иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва раиси вилояти Хатлон муҳтарам Давлаталӣ Саид равона менамояд. Ҳамзамон, барои сари вақт аз худ намудани маблағҳои ҷудошуда, омода намудани иншооти ба истифода додашаванда, назорати корҳои иҷрошуда, сифати корҳои сохтмонӣ, омодасозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ кормандони Раёсат кӯшиши ҳамаҷониба менамоянд,- афзуд ӯ.

Машраби АЛОВИДДИН

Бохтар:

ИМКОНИЯТҲОИ РУШДИ СОХТМОН САМАРАНОК ИСТИФОДА МЕШАВАНД



Баротзода Файзулло Раҷаб, раиси шаҳри Бохтар

Шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Бохтар иҷрои талаботҳои Қарори ҳайати мушовара аз 6-уми январи соли 2023 «Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти кори раёсату шуъбаҳо, воҳидҳои сохтмонии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ва вазифаҳо барои шашмоҳаи соли 2023»-ро зери назорати ҷиддӣ қарор дода, корҳои зиёдеро иҷро кардааст.

Маълумоти умумӣ

Бино ба иттилои мудири шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Бохтар Валиҷон Ятимзода, дар шаш моҳи соли 2023 дар сохтмонҳои шаҳр ҷамъи маблағгузории асосӣ 59632,8 ҳазор сомониро ташкил мекунад. Ҳаҷми корҳои сохтмону васлкунӣ бошад, 58125,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ҳаҷми корҳои иҷрошудаи пудратӣ 35088,4 ҳазор сомониро ташкил мекунад, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 6688,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар шаш моҳи соли 2023 ба кор андохтани фондҳои асосӣ 23731,9 ҳазор сомониро дар бар гирифтааст. Манзилҳои сукунатӣ 7789 метри мураббаъро ташкил намудаанд. Масоҳати умумии шаҳри Бохтар 2457 гектарро ташкил дода, аҳолии он зиёда аз 128 ҳазор нафар мебошад. Мувофиқи нақшаи генералии амалкунанда дар шаҳр 26 маҳаллаи аҳолинишин вуҷуд дорад.

Амалигардии Нақшаи генералии шаҳри Бохтар, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2011, №660 то соли 2035-ум тасдиқ карда шудааст, идома дорад.

Аз иҷозати сохтмон то қабул

Тавре зикр гардид, мудири шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Бохтар дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ваколатдори давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба роҳбарӣ мегирад. Талаботҳои Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботу меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ (МҚШ ҶТ 30.01.2018) мавриди амал қарор дода шуда, доир ба ободӣ ва дигаргунии шаҳри Бохтар кӯшиш ба харҷ дода мешавад.

Дар асоси шартномаи байни РСА-и шаҳр ва ҶСК «Шаҳрофар» шартнома барои тарҳрезии нақшаи муфассал баста шуда, аз ҷониби фармоишгар (ИСА МИҲД-и шаҳри Бохтар) 100000,0 сомонӣ пардохт карда шудааст. Асосан нақшаи муфассали кӯчаҳои протоколии шаҳр идома дорад. Ҷойгиркунии биноҳои ошёнадор дар маҳаллаҳои шаҳр дар мувофиқа бо ҶСК «Шаҳрофар» ба амал бароварда мешавад.

Баҳри амалӣ намудан нақшаи генералии маркази шаҳри Бохтар (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №660 аз 30.12.2011) назорати доимӣ бурда мешавад. Банақшагирӣ ва бунёди маҳаллаҳои аҳолинишин ва тарҳрезии онҳо, нақшаи генералии маҳаллаҳои аҳолинишин, системаи ҷойгиркунии биною иншоот, инфрасохтори муҳандисӣ, хатҳои сурх ва танзими иморатсозӣ, балоиҳагирию сохтмони биною иншоот, фаъолияти фармоишгарон ва муносибати онҳо бо мақомоти маҳаллӣ, ташкилу фаъолияти комиссияҳои қабули биною иншоот, ташкили экспертизаи лоиҳаҳо ва дигар санаду меъёрҳое, ки дар ин соҳа бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд, ба инобат гирифта мешаванд.

Тавре Валиҷон Ятимзода зикр намуд, шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар дар ҳамкорӣ бо ҶСК «Шаҳрофар», ки пудратчии нақшаи генералии шаҳри Бохтар мебошад, оғоз аз соли 2012 ҳама гуна сохтмони биноҳоро дар мувофиқа ба роҳ мемонад.

Ҳангоми ҷудо намудани қитъаи замин меъёрҳои шаҳрсозӣ аз ҷониби сохтмончӣ ҳатман ба инобат гирифта мешавад. Пайвастшавии биноҳои нав ба хатҳои муҳандисии шаҳр дар асоси шартҳои техникии идораю корхонаҳои дахлдор амалӣ карда мешавад. Иҷозати сохтмон баъди гузаштани лоиҳаи сохтмон аз ташхиси давлатии лоиҳаҳои сохтмонӣ (экспертиза) дода мешавад. Комиссияи шаҳрии қабули биною иншооти сохтмонашон баитмомрасида бевосита онҳоро дар маҳал дида баромада, аз ҷониби комиссияи корӣ сараввал иншоот омода шуда, мавриди санҷиш қарор дода мешавад. Баъди ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда иншоот ба комиссияи давлатии қабул пешниҳод карда мешавад.

Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Дар давоми шаш моҳи соли ҷорӣ 90 адад муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид шуда, 8 ададашон дар баррасӣ қарор доштаву ба 82 адади дигарашон ҷавоби мушаххас гардонида шудааст.

Дар давоми 6 моҳи соли 2023 аз тарафи шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Бохтар 6 адад қарорҳои раиси шаҳр барои сохтмон дода шудааст.

Аз аввали соли ҷорӣ дар шаҳр озмуни лоиҳаҳои меъморӣ 2 маротиба (пайкараи “Дуои модар” ва Б. Ғафуров) гузаронида шудааст.

Дар шаш моҳи соли 2023 ба 60 нафар фармоишгари сохтмон супоришҳои меъморию банақшагирӣ дода шудааст, ки аз ин 12 адад барои фаъолияти соҳибкорӣ иҷозат гирифтаанд.

Аз ҷониби шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Бохтар 61 иҷозатнома барои корҳои сохтмонӣ дода шудааст.

Тартиби кори комиссияи қабул

Ба гуфтаи мудири шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Бохтар Валиҷон Ятимзода, дар тамоми иншооте, ки барои қабул ба комиссияи корӣ ва комиссияи давлатӣ пешниҳод мегардад, сармеъмори шаҳр иштирок менамояд.

Инчунин, мудири шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар дар кори комиссияи давлатӣ новобаста аз шакли моликият иштирок менамояд.

Интихоби қитъаҳои замин барои ҷойгир намудани шаклҳои хурди меъморӣ ва воситаҳои рекламаҳои беруна дар мувофиқа бо шуъбаи бозрасии автомобилии шаҳр ва бо розигии сармеъмори шаҳр сурат мегирад.

Шаҳодатномаи рангуборкунии бинову иншоот аз ҷониби фармошгар се нусха пешниҳод мегардад ва аз ҷониби сармеъмор мувофиқа карда мешавад.

- То ин давра аз ҷониби шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ санҷишҳо гузаронида шуда, 70 адад огоҳинома оид ба бартараф намудани камбудиҳо дода шудаву дар мухлати муайян ислоҳ карда шудаанд,- гуфт Валиҷон Ятимзода.

Дар умум, зикр гардид, ки барои татбиқи корҳои ободониву созандагӣ, бунёди иншооти таъиноти гуногун, истифодаи самарабахши ҳамаи имкониятҳо чиҳати рушди соҳаи сохтмон, риояи лоиҳа ва санъати меъморӣ дар бунёди иншооти ҳаётан муҳим ва бо дастовардҳои назаррас пешвоз гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулини шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

М. АЛОВИДДИН





ҶАСАДИ ШУҲРАТ ИСМАТУЛЛОЕВ ПАЙДО ШУД

шарҳи бештари қазия аз забони Прокурори генералӣ

Ҷасади Шуҳрат Исматуллоев, муовини якуми раиси "Ориёнбонк" рӯзи 13-уми август аз шаҳри Панҷакент пайдо шудааст. Дар ин бора 15-уми август Юсуф Раҳмон, Прокурори генералии Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ хабар дод.







"Ҷасади Шуҳрат Исматуллоев аз шаҳри Панҷакент, аз наздикии маҳали Саразм пайдо шуд. Шахсияти ӯро баъди ташхиси дандонҳояш муайян карданд",- гуфт Юсуф Раҳмон.

Телеграмканали Pressa.tj дар такя ба манобеи хеш навишт, ки ҷасади муовини раиси "Ориёнбонк"-ро 3 нафар моҳигирон дар мавзеи Саразми Панҷакент пайдо карда, ба мақомоти қудратӣ хабар додаанд. Ба гуфти моҳидорон, ҷасад ба ҳадде вайрон шуда буд, ки мард ё зан будани маълум набуд. Вале ба гуфти Юсуф Раҳмон Аҳмадзод, шахсияти ҷасад аз рӯйи дандонҳояш муайян карда шуд.

Қазияи гӯшношунид

Муовини якуми раиси "Ориёнбонк" Шуҳрат Исматуллоеви 49-сола шоми 23-юми июн аз назди манзилаш дар маркази Душанбе, кӯчаи Закариёи Розии ноҳияи Исмоили Сомонӣ рабуда шуд.

Ба иттилои ВКД, 4 ношиноси ниқобдор ӯро ба мошини сиёҳи "Hyundai Sonata" ба зӯрӣ савор карда, тавассути хиёбони Рӯдакӣ, маҳаллаи Хучамбиёи Боло ва бозори Кӯшониён ҳаракат карда, охирин маротиба дар ҳудуди маҳаллаи "Чағатой" дида шуда, пас аз он ғайб задаанд. Номбурдагон барои пеш наомадани монеа рақами 11-рақама омода кардаанд. Дар роҳ кормандони БДА онҳоро мошини сохтори қудратӣ гумон карда, манъу тафтиш накардаанд. Номбурдаро ҷиноятқорон ба самти ноҳияи Айнӣ бурдаанд.

Кормандони КҲФ аз нахустин рӯзҳои дуздида шудани Исматуллоев дар дарёи Зарафшон ҷустуҷӯро оғоз карданд. ВКД барои ёбандаи Исматуллоев $30 ҳазор ҷоиза муқаррар кард. Вале қариб 2 моҳ ҷасади Исматуллоев пайдо нашуд.

"Ин камбудии мо аст"

Прокурори генералии Тоҷикистон тавзеҳ дод, ки чӣ гуна гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ дар як кишвари ором тавонист ноаён даст ба одамрабоӣ занад.

Сабаби аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳон мондани омодагиҳо ва рабудани муовини якуми раиси "Ориёнбонк" Шуҳрат Исматуллоев ба собиқаи корияи ду нафар аз ҷиноятқорон дар мақомот рабт дорад.

Дар ин бора Юсуф Раҳмон зимни посух ба суоли хабарнигорон дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дода, афзуд, ки ин 2 корманди пешини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ хуб балад буданд.

- Онҳо дар тайёрӣ ба ин ҷинояти мудҳиш аз роҳҳои конспиратсия истифода карданд, кӯшиш карданд амалҳояшон ноаён монанд,- тавзеҳ дод Прокурори генералӣ.

"Ин боиси он шудааст, ки мо, яъне кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тайёрӣ ва содиршавии ин ҷинояти мудҳишро пешгирӣ карда натавонистем. Ин камбудии мо аст",- гуфт Раҳмон.

Вай гуфт, ки пас аз содир кардани ҷиноят гурӯҳи муташаккил мошин, ҷасад ва асбоберо, ки аз он истифода кардаанд, ба дарё партофтаанд.

Прокурори генералӣ афзуд, ки бо вуҷуди ин ҳама пинҳонкорӣ дар муддати ҳамагӣ ду рӯз ин ҷиноят кушода шуд.

"Айни ҳол 13 нафар дар боздоштанд. Се нафари дигарро, ки дар хориҷа ҳастанд, дар рӯзҳою моҳҳои наздик ҳатман дастгир карда ба Тоҷикистон меорем",- илова намуд номбурда.

Юсуф Раҳмон ваъда дод, ки талош хоҳанд кард, то дар оянда тайёрӣ ба чунин ҷиноятҳою содиршавии онҳо ноаён намонад ва амнияту осудагии кишвар таъмин карда шавад.

Дилшоди красавчик дар "Вагнер" аст?

Маврид ба зикр аст, ки раҳбари гурӯҳи ҷиноӣ Дилшод Саидмуродов, мулаққаб бо номи "Дилшоди СБ" ва яке аз аъзои он Рустам Ашӯров, ки баъди тирандозӣ дар фурудгоҳи Молдова зимни амалиёти ҷавобӣ маҷруҳ шуда, дар беморхона ба ҳалокат расид, дар гузашта корманди мақомот будаанд.

Рустам Ашӯрови 43-сола баъди фирор аз Тоҷикистон зимни задухӯрд ва тирпарронӣ дар фурудгоҳи Кишинёви Молдова ҷароҳат бардошта, баъдан дар беморхона фавтид.

Гумонбари дигари рабуда ва қатл шудани Шуҳрат Исматуллоев Дилшод Саидмуродов аст. Расонаҳо қаблан навиштанд, ки ӯ баъди фирор аз Тоҷикистон ба пойгоҳи низомии ЧВК "ВАГНЕР" паноҳ бурдааст. Вале вазири корҳои дохилӣ Рамазон Раҳимзода ва Прокурори генералӣ Юсуф Раҳмон ин фарзияро рад карданд.

▸▸ *Аз нишастҳои матбуотӣ*

ВКД АЗ АФЗОИШИ ҶИНОЯТ ДАР КИШВАР ХАБАР ДОД



Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ аз афзоиши ҷиноят дар кишвар хабар дод. Дар 6 моҳи соли равон дар Тоҷикистон 11612 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 870 ҳолат бештар аст.

Дар ин бора вазири корҳои дохилии кишвар Рамазон Раҳимзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба иттилои манбаъ, аз омори умумӣ аз ҷониби ин ниҳод 5 479 (2022- 6 130) ҷиноят ба ҳисоб гирифта шуда, аз ин 4399 (2022-5032) ҷиноят тафтиш карда шудааст, ки кушодашавии онҳо 85,3 % мебошад.

Тибқи додаҳои ВКД чунин ҷиноятҳо тайи ним сол дар кишвар содир шудаанд:

- одамкушӣ ва сӯйиқасд ба он - 24 (2022-39);

- қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ - 54 (2022-67);

- таҷовуз ба номус - 25 (2022-22);

- савдои одамон - 34 (2022-8);

- қаллобӣ - 1 491 (2022-1715);

- тамаъҷӯӣ - 26 (2022-27).

Мизони ҷиноятҳои роҳзанӣ 5 ҳолат (2022 - 22), ғоратгарӣ - 61 (2022 - 65), дуздӣ - 2 229 (2022 - 3 101) ва авбошӣ 666 (2022 - 621) ҳолат коҳиш ёфтааст.

1,2 МЛН СОМОНӢ ҶАРИМАИ ВОЛИДАЙНИ БЕМАСЪУЛИЯТ



Барои нақзи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" наздики 9,8 ҳазор парвандаи маъмурӣ ба баррасӣ гирифта шудааст.

Дар ин бора раиси Суди Олии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дода, афзуд, ки шумораи парвандаҳои баррасишуда барои нақзи меъёрҳои қонуни мазкур нисбати ҳамин давраи соли гузашта 430 адад кам шудааст.

Шоҳиён иттилоъ дод, ки дар давоми нимсола аз рӯи 8,8 ҳазор парванда нисбати бештар аз 8,8 ҳазор нафар қарор қабул гардидааст.

Дар мавриди чигунагии ҷазо Шоҳиён изҳор дошт, ки дар нисбати қариб 3,2 ҳазор нафар ҷазои огоҳӣ ва нисбати қариб 5,7 ҳазор ҷарима татбиқ гардидааст.

Ҳаҷми ҷаримаҳое, ки судҳо нисбати волидони бемасъулият татбиқ кардаанд, наздики 1,2 млн сомонӣ арзёбӣ гардид. Зикр гардид, ки ҷавобгарии маъмурӣ барои бемасъулиятӣ дар тарбияи фарзанд огоҳӣ ва ё ҷарима аз 3 то 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо пешбинӣ шудааст.

ҶАСАДИ МУАЛЛИМ ПАЙДО НАШУД



Ҷасади муаллими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ки ду моҳ пеш аз сӯйи подполковники ВКД рабуда шуда буд, то ҳол пайдо нашудааст. Як ҷасаде, ки ҳангоми ҷустуҷӯ пайдо шудааст, ба муаллим тааллуқ надоштааст.

Дар ин бора Юсуф Раҳмон Аҳмадзод, Прокурори генералии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Бояд гуфт, ки Исмоилҷон Раҳмонов, устоди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 12-уми июни соли 2023 аз ҷониби Акмал Юсуфзода, подполковники Раёсати муборизаи бо ҷиноятҳои муташаккили ВКД, маъруф ба УБОП ва Исмоил Шукуров, як хеши ӯ рабуда шуд.

Прокурори генералӣ пас аз чанд рӯзи ҳодиса расман иттилоъ дод, ки "... онҳо дастони муаллимро баста, дар километри 118-уми шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд, воқеъ дар деҳаи Чореи ноҳияи Айнӣ бо мақсади ба қатл расонидан ӯро ба дарёи Фон партофта, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд".

Бо гузашти ду моҳ аз ин ҳодиса, Додситони кулли кишвар мегӯяд, ки то ҳол ҷасади муаллимро наёфтаанд ва тафтишот идома дорад.

БМТ:

ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ, РУШДИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ ВА ТАЪМИНИ ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ ТАЪМИН ХОҲАД ШУД

(Аввалаш дар саҳ.4)





Дар идомаи нишаст муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон иброз дошт, ки бо мақсади амалӣ намудани сиёсати макропруденсиалӣ ва танзиму назорати фаъолияти бонкӣ ташкилотҳои қарзии низомсоз (КВД БА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Ориёнбонк” ва ҶСК “Бонки Эсхата”) ва ташкилоти қарзии эҳтимолии низомсоз (ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл”)-ро барои соли 2023 муайян ва бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 18-уми январи соли 2023 тасдиқ намудаанд.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зарурӣ ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ба 17 фоиз расида, афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6 банди фоизиро ташкил додааст. Шумораи кортҳои пардохтии бонкии ба муомилот баровардашуда 5,9 млн ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 42 фоиз зиёд мебошад. Теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзӣ 7,5 млн ададро ташкил дода, дар қиёс ба ҳамин давраи соли қаблӣ 2,6 млн адад (52,6 фоиз) афзоиш ёфтааст.

Илова бар ин, барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявии ватанӣ дар маҷмуъ 1 947 банкомат ва 7 434 терминалҳои электронӣ насб карда шудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 шумораи банкоматҳо 418 адад ва теъдоди терминалҳои электронӣ 1 661 адад зиёд шудааст. Аз шумораи умумии терминалҳои электронӣ 2 797 адад дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва 4 640 адад дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии кишвар ҷойгир карда шудаанд.

Ба диққати намояндагони ВАО расонида шуд, ки то 30-юми июни соли 2023 дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии ҷумҳурӣ 20 051 адад QR-рамз мавриди истифода қарор дода шудааст, ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 5 226 адад (35,3 фоиз) зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонии кишвар тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 21,8 млн амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасониҳо ба маблағи 5,5 млрд сомонӣ анҷом дода шудаанд, ки назар ба ҳамин давраи соли 2022 аз рӯи шумора 52,1 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 83,2 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Дар мавриди риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон” таъкид гардид, ки иҷрои он пайваста зери назорати қатъии Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад.

Вобаста ба ин, дар нимсолаи якуми соли равон 685 муроҷиат, аз ҷумла 46 муроҷиат ба воситаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, 55 муроҷиати хаттӣ, 407 муроҷиат тариқи телефони боварӣ, 173 муроҷиат ҳангоми қабули шаҳрвандон ва 4 муроҷиат тариқи почтаи электронӣ ба унвони Бонки миллии Тоҷикистон ворид гардидааст, ки Бонки миллии Тоҷикистон нисбати онҳо дар доираи ваколатҳои худ чораҳои дахлдор андешидааст.

Таъкид гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба масъалаи ҷалби бештари занону духтарони соҳибтахассус ва соҳибтаҷриба ба кор дар муассисаҳои низоми бонкӣ ва ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешбарӣ кардани онҳо диққати махсус медиҳад. Тибқи маълумоти оморӣ, ба санаи 30-юми июни соли 2023 аз шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ 7 306 нафарро бонувон ташкил медиҳанд. Аз ин шумора 3 727 нафар бонувон ба восита ба хизматрасонии бонкӣ ба мизоҷон машғул ҳастанд ва аз онҳо 504 нафарашон корманди роҳбарикунанда мебошанд (19,5 фоиз аз шумораи умумии вазифаҳои роҳбарикунанда дар низоми бонкӣ).

Таврe Фирдавс Толибзода изҳор кард, дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 67 филиали худ ба аҳолии ҷумҳурӣ хизматрасониҳои суғуртавиро пешниҳод намудаанд. Натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар нимсолаи якуми соли 2023 нишон додааст, ки нишондиҳандаҳои асосии соҳа афзоиши устувор дошта, аз ҷумла дороиҳои низом дар ин давра нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 33,3 фоиз, сармояи умумӣ 21,4 фоиз, сармояи оинномавӣ 19,3 фоиз, захираҳои суғуртавӣ 57,9 фоиз, мукофотҳои суғуртавӣ 16,8 фоиз ва пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 36,5 фоиз зиёд гардидаанд. Дар маҷмуъ, дар ин давра саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявӣ 2,2 фоизро ташкил намуда, нисбат ба ММД ба 0,6 фоиз баробар шудааст.

Миқдори умумии шартномаҳои басташудаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 ба 1 032 223 млн адад баробар шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 121 802 адад (13,4%) зиёд шудаанд.

Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои (ROA) ташкилотҳои суғуртавӣ ба санаи 30-юми июни соли 2023-юм 9,2 фоиз ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) 16,2 фоизро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ мутаносибан 4,8 банди фоизӣ ва 8,8 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон чиҳати тавсеаи муносибатҳои дучонибаи судманд, ҷалби сармояи хориҷӣ бо як қатор ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, Бонки рушди Авруосиё, Бонки байнидавлатӣ, Иттиҳоди дастрасии молиявӣ, фондҳои байналмилалӣ, бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷӣ ба роҳ мондааст.

Қобили қайд аст, ки ҷалби бештари сармояҳои дохилӣ ва хориҷӣ яке аз вазифаҳои асосии низоми бонкӣ ба шумор меравад. Дар робита ба ин, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои саривақтӣ чиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 ба низоми бонкии кишвар 610,9 млн доллари ИМА қарз, сармоягузориҳои мустақим ва ҷомадонӣ ҷалб карда шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 20,1 фоиз зиёд мебошад.

Фирдавс Толибзода таъкид ба он дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ барои татбиқи самараноки сиёсати пулӣ, пурзӯр намудани танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ, таъмини шаффофият дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, тақвияти идоракунии корпоративӣ ва ба ин васила нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ пайваста чораҳои дахлдор меандешад.

Дар қисмати саволу ҷавоби нишасти матбуотӣ намояндагони воситаҳои ахбори оммаи дохилию хориҷӣ ба саволҳои худ оид ба иҷрои бандҳои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, ҳиссаи пули миллӣ ва рубли русӣ дар ҳисоббаробаркуниҳои Тоҷикистону Россия ва кишварҳои минтақа, ҳамгирой бо низоми ягонаи “Быстрый платёж”, рубли рақамӣ ва сомонии рақамӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ, сатҳи таваррум, тағйирёбии меъёри бозтамвил, захираҳои байналмилалӣ, бонкдории исломӣ ва дигар масъалаҳои муҳими соҳаи молия ва бонкдорӣ посухҳои мушаххас гирифтанд.

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дар қисмати ҷамъбастии нишаст иброз дошт, ки нақши ВАО дар татбиқи бандҳои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, аз 22-юми июни соли 2023, №586, баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ва ба ин васила таъмини рушди иқтисоди кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум назаррас мебошад.

Ҳамчунин, мавсуф ба намояндагони воситаҳои ахбори омма барои ҳамкории судманд ва инъикоси воқеъбинонаи фаъолияти низоми бонкӣ изҳори сипос намуда, иброз дошт, ки ҳамкориҳои мутақобилаи судманди Бонки миллии Тоҷикистон бо намояндагони ВАО минбаъд низ дар асоси боварию эътимод ва ҳусни тафоҳум идома дода хоҳанд шуд.

Шуъбаи матбуоти БМТ

Э Ъ Л О Н !

МУДИРИ МАХСУСИ ҶСК «АГРОИНВЕСТБОНК» БА ТАВАҶҶУҲИ ШАҲРВАНДОН-АМОНАТГУЗОРОНИ БОНК ВА ДИГАР ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ МЕРАСОНАД, КИ БО МАҚСАДИ ҲИСОББАРОБАРӢ НАМУДАНИ УҲДАДОРИҲОИ БОНК, АЗ РУИ НАВБАТҲОИ ТИБҚИ МОДДАИ 35-И ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БАРҲАМДИҲИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ» МУАЙЯНШУДА ВА ФЕҲРИСТИ ТАСДИҚШУДАИ ТАЛАБОТИ ҚАРЗДЕҲОН, НОМГЎИ АМВОЛҲОИ ДАР ТАВОЗУН МАВҶУДБУДАРО ТАРИҚИ МУЗОЯДАҲО БА ФУРЎШ МЕБАРОРАД.

МУЗОЯДА РЎЗИ 15 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023, СОАТИ 10:00 ДАР БИНОИ БОНК, ВОҚЕЪ ДАР Ш. ДУШАНБЕ, ХИЁБОНИ Ҷ. РАСУЛОВ-67 (РЎ БА РЎИ РАЁСАТИ БОЗРАСИИ ДАВЛАТИИ АВТОМОБИЛӢ) БАРПО МЕГАРДАД. МУЗОЯДА БО ТАРТИБИ АНГЛИСӢ ГУЗАРОНИДА МЕШАВАД.

АРИЗАҲО БАРОИ ИШТИРОК ТО САНАИ 12 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023 ҚАБУЛ КАРДА МЕШАВАНД.

МАЪЛУМОТИ ИЛОВАГӢ ОИДИ АМВОЛҲО ТАВАССУТИ ТЕЛЕФОНҲОИ ЗЕРИН ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАД:

ТЕЛЕФОНҲО БАРОИ ТАМОС: 44 600 53 29; 44 600 59 00

1	Манзили истиқомати воқеъ дар н.Варзоб ҷ/д Варзобкалъа д.Гажне	34,2	23,40	**61 000**
2	Бинои мағозаи 2-ошёна дар ш.Хоруғ, к.Деҳоти-65	356,3	392,9	**450 000**
3	Бинои мағоза дар ш.Хоруғ, к.Аёмбеков-33/1	75,5	104,48	**150 000**
4	Бинои мағоза дар ш.Хоруғ, к.Аёмбек, х.8	330	36	**103 000**
5	Автомашинаи ГАЗ (волга 3102) соли бароиш 1995 (ф.Ч.Расулов)			**15 000**
6	Автомашинаи НИВА (шевролет) соли бароиш 2003			**55 000**
7	Автомашинаи РАВ-4 соли бароиш 2008 ва Автомашинаи (нақлиёти махсус) Фолксваген соли бароиш 2001			**160 000**
8	Автомашинаи НИВА соли бароиш 2012 (ф.Кулоб) ва Автомашинаи (нақлиёти махсус) Фолксваген соли бароиш 2001			**120 000**
9	Маҷмуи дастгоҳ ва таҷҳизотҳои корхонаи хурди истеҳсоли равған, воқеъ дар шаҳри Душанбе, хиёбони С.Шерозӣ 21 (собиқ Саридораи Бонк)			**549 500**
10	Боғҳои ҳосилдеҳ дар майдони 64 га воқеъ дар н. Ҷиликул ҷ.д. Гаровути д. Ачисел	64 га		**7 200 000**
11	Боғҳои ҳосилдеҳ дар майдони 188 га воқеъ дар н.Ёвон ҷ. Норин д. Бош Қайнар	188 га		**20 758 032**
12	Филиали бонк дар н.Шаҳристон, кӯчаи Истаравшан 29а	800,0	173,30	**3 100 000**

ЭЗОҲ: РУЙХАТИ АМВОЛҲОИ ЗИКРШУДА НИҲОЙ НАБУДА, ТО БАРПО ШУДАНИ МУЗОЯДА МЕТАВОНАД КАМ Ё ЗИЁД ГАРДАД

РЎЙХАТИ АМВОЛҲОИ ҒАЙРИМАНҚУЛИ БА МУЗОЯДА ПЕШНИҲОД ШАВАНДА ДАР ҶСК "АГРОИНВЕСТБОНК", КИ ҚИСМАН МАВРИДИ БАҲС ҚАРОР ДОРАНД

№ ЛОТ	НОМГЎИ АМВОЛҲОИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ВА СУРОҒАИ ОНҲО	Масоҳати умумии қитъаи замин га.	Масоҳати умумии сохта шуда м2	Арзиши ба фурўш бароварда шуда
	ШАҲРИ ДУШАНБЕ			
1а	Квартираи истиқомати воқеъ дар ш.Душанбе, кӯч.Фирдавсӣ бинои 5/2. ҳуҷраи 44	0	77	1 600 000,00
2а	Манзили истиқомати 3/7 воқеъ дар ш. Душанбе к.Мастонгулов хонаи №157	0,03	60,1	278 037,78
3а	Амбор-таҳхона блоки А дар бинои баланд ошёнаи сохтмонаш нотамом воқеъ дар ш.Душанбе, кӯчаи Бухоро-29 ва Истаравшан 21-25	0	77,3	408 426,92
4а	Амбор-таҳхона блоки Б дар бинои баланд ошёнаи сохтмонаш нотамом воқеъ дар ш.Душанбе, кӯчаи Бухоро-29 ва Истаравшан 21-25	0	604,51	3 194 025,31
	ШАҲРИ ВАҲДАТ			
5а	Иморат воқеъ дар ш.Ваҳдат, кӯчаи Дустматов 2	0,45	143,4	900 834,62
	НОҲИЯИ ПАНЧАКЕНТ			
6а	Манзили истиқомати воқеъ дар ш. Панчакент ҷ.д. Л.Шерали д.Гусар х.32	0,0297	269,3	255 990,00
	НОҲИЯИ ВАРЗОБ			
7а	Минтақаи Истироҳати воқеъ дар н.Варзоб, ҷ/д Варзобқалъа, д. Ғусғарф	0,52	30,1	137 601,00
8а	Манзили истиқомати воқеъ дар н.Варзобт, д.Чангалак	0,06	100	119 069,00
	НОҲИЯИ ТОҶИКОБОД			
9а	Манзили истиқомати воқеъ дар н. Тоҷикобод ҷ.д. М.Шогадоев д. Зарафшон	0,1	140,3	144 132,00
	ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА			
10а	Квартираи истиқомати воқеъ дар ш.Турсунзода, кӯч.Строительная бинои 1. ҳуҷраи 31	0	46,1	650 000,00
11а	Манзили истиқомати воқеъ дар ш. Турсунзода к. М.Миршакар хонаи 12	0,04	274,9	348 817,17
	НОҲИЯИ ШАҲРИНАВ			
12а	Манзили истиқомати воқеъ дар н.Шаҳринав, ҷ.Сабо, д. Сангмела	0,9	54	356 760
13а	Хонаи истиқомати воқеъ дар н.Шаҳринав, ҷ/д.Чузи, д. Чузи боло (Караев Т.Н.)	0,11	73,4	261 136
14а	Фермаи чорвои №1 воқеъ дар н.Шаҳринав ҷ/д Чузи деҳаи Элоки	0,11	570	3 291 065
15а	Манзили истиқомати воқеъ дар н.Шаҳринав, ҷ.Истиқлол, д. Истиқлол	0,05	254,8	345 402,92
	НОҲИЯИ ДУСТИ-ҶИЛИКУЛ			
16а	Анбор воқеъ дар н.Дусти, ҷ.20 солагии истиқлолияти ҶТ. д. Куҳдоман	0,073	477,9	589 578,00
	НОҲИЯИ ФАРХОР			
17а	Манзили истиқомати воқеъ дар н.Фархор, ҷ.д. Ватан, д. Куҳандиёр	0,19	363,74	441 878,00
	НОҲИЯИ ВОСЕЪ			
18а	Бинои иморати идораи собиқ ҶДММ ТКХ "Яб" воқеъ дар н.Восеъ, ҷ.д. Меҳнатобод, д. Восеободи калон	0,773	213,7	300 000,00
19а	Бинои идора, айвон ва анборсобиқ КИ "Хоҷа Муъмин" воқеъ дар н.Восеъ, ҷ.д. Тугарак, д. Тугарак	0,6706	500	400 000,00
	НОҲИЯИ МАСТЧОҲ (БУСТОН)			
20а	Манзили истиқомати воқеъ дар н. Мастчоҳ ҷ.д. Оббурдон к. Н.Салимов хонаи 22	0,11	228,2	353 346,00
21а	Манзили истиқомати воқеъ дар н. Мастчоҳ ҷ.д. Оббурдон к. Истиқлол хонаи №28	0,1	238,9	1 049 354,91
22а	Манзили истиқомати вокеъ дар н. Мастчоҳ ҷ.д.Оббурдон кӯч. Шомуродов хонаи №17	0,10	283,40	427 019,43
23а	Манзили истиқомати воқеъ дар н. Мастчоҳ д. Оббурдон к. Н.Салимов №18	0,13	363,7	280 430,00
24а	Манзили истиқомати воқеъ дар н. Мастчоҳ ҷ.д. Оббурдон к. Ф.Зиёев хонаи №17	0,13	513,5	1 191 584,21
	ШАҲРИ ИСФАРА			
25а	Манзили истиқомати воқеъ дар ш. Исфара ҷ.д. Ворух к. Б.Мусоев б/р	0,07	97	168 299,70
	ШАҲРИ ХОРУҒ			
26а	Манзили истиқомати воқеъ дар ш.Хоруғ, к.Деҳоти-56/1	0,562	134,95	200 000,00
27а	Манзили истиқомати воқеъ дар ш.Хоруғ, к.Карамшо 20	0,15	250,7	372 780,00

ЭЗОҲ: РУЙХАТИ АМВОЛҲОИ ЗИКРШУДА НИҲОЙ НАБУДА, ТО БАРПО ШУДАНИ МУЗОЯДА МЕТАВОНАД КАМ Ё ЗИЁД ГАРДАД

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Барор нагирифтани корҳои тиҷоратӣ нафарони бо кори савдо машғулро асабонӣ месозад. Ҳатто бо мадади дӯстонатон низ вазъиятро ислоҳ карда наметавонед. Аз оламу одам дилмонда нашавед, тоқат кунед, ин давраи мушкил ҳам мегузарад.



Савр
21.04 - 21.05

Доираи дӯстонатонро васеъ намуда, бо одамони даркорӣ робита барқарор менамоед. Шумо бори дигар комёбиҳои худро бо пешравиҳои дигарон қиёс намуда, ба хулосае меоед, ки бояд бо қувваи дучанд ба кор часпида, орзуву нақшаҳоятонро ҷомаи амал пӯшонед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи нав аз сирру асрори махфие огаҳӣ пайдо мекунед. Дар аввал шумо ба маълумоти тасодуфан ба даст овардаатон бо шубҳа менигаред, вале баъди чанд рӯз боварӣ ҳосил мекунед, ки гапи шунидаатон рост аст. Ба зиндагии дигарон бинӣ нахалонед.



Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафтаи нав корҳои якрангу дилбазан хеле зиёд мегарданд. Бар замми ин, аз ҳад зиёд ба эҳсосот дода шуданатон вазъиятро чигилтар месозад. Дар муносибатҳои ошиқона дӯстдоштаатонро аз даст додан нахоҳед, баҳудаю беҳуда ба ҳар кораш хӯрдагирӣ карда, ба асабҳояш нарасед.



Асад
23.07 - 22.08

Ҳафтаи нав ба ҳама кор бо қувваи дучанд даст мезанед. Тамоми ҳастии худро ба кор бахшида, ваъдаеро, ки ба шахси наздиктаринатон дода будед, фаромӯш мекунед. Маҳз бо ҳамин сабаб муноқишаи калони оилавӣ сар зада, асабҳоятонро хароб менамояд.



Сумбула
23.08 - 22.09

Дар рафтору амалатон дурандешиву қатъият дида мешавад. Муҳим он аст, ки мустақилият ва истодагарӣ нишон дода, ба иҷрогарӣ дода нашавед. Ба ғайбат гӯш надиҳед ва худро аз бадгӯён дур гиред. Дар масъалаҳои молиявӣ ба ваъдаҳои беақлона рох надиҳед.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафтаи нав хеле сермаҳсул мешавед. Ба кадом коре, ки даст назанед, коратон барор мегирад. Фурсатро аз даст надода, нақшаҳои калонтаринатонро ҷомаи амал пӯшонед. Вохӯрӣ ва сафарҳои корӣ махсусан нимаи дуюми ҳафта бобарор мешаванд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта забонатонро аз гуфтори беандеша нигоҳ доред. Бо кумаки дӯстони нав чанд мушкили муҳими ҳаёти худро ҳал карда метавонед. Ҳафта ҳамчунин кинаро аз дилҳо берун месозад. Бо нафаре, ки чанд муддат қаҳрӣ будед, оштӣ мешавед.



Қавс
25.11 - 21.12

Дар ин ҳафта воқеаҳоро натезонед, ҳама кор вақту соати худро дорад. Дар ҷодаи муҳаббат низ ба шитобкорӣ рох надиҳед. Хусусан нафарони муҷаррад қабл аз издивоҷ бояд ҳамсари оянда худро ҳаматарафа омӯзанд. Барои беҳдошти саломатӣ бояд истироҳат намоед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ба маслиҳати бегонагон гӯш дода, боз ба ғалатҳои кухна рох медиҳед. Барои рафъи мушкилоте, ки чанд муддат ташвишатон медиҳад, вақти зиёд сарф мекунед. Бо наздикони худ забон ёфтанатон душвор мегардад. Дар ҷодаи муҳаббат нофаҳмӣ сар мезанад.



Далв
21.01 - 19.02


Шуморо ҳафтаи ором интизор аст. Самимият ва одамдӯстиятон боиси пешравии кор ва нишот дар рӯзгоратон мегардад. Ҷанҷолу муноқишаҳои оилавӣ хонаи шуморо тарк мегӯянд ва дар оилаатон мурғи бахт лона мегузорад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Рафту бо наздикони худ баҳсу муноқишаатон зиёд гардад, кӯшиш намоед, ки кор бо муноқишаи ҷиддӣ анҷом наёбад, иштибоҳи худро ба гардан гиред ва гузашт карданро омӯзед. Беҳтараш сабаби сар задани нофаҳмиҳоро дар худ ҷӯё шавед.

СУРАТГИРИ ПРЕЗИДЕНТ МАҚСУДҶОН МУҲИДДИНҶОНОВ ДАРГУЗАШТ



Суратгири касбӣ Мақсудҷон Муҳиддинҷонов дар синни 73-солагӣ аз олам даргузашт. Номбурда солҳои гуногун суратгири махсуси Президенти Тоҷикистон ва рӯзномаи “Тоҷикистон” буд.

Мақсудҷон Муҳиддинҷонов Донишгоҳи давлатии шаҳри Саратови Федератсияи Русияро бо ихтисоси филолог-муаллими забони русӣ хатм намудааст.

Тавре аз тарҷумаи ҳоли Мақсудҷон Муҳиддинҷонов бармеояд, номбурда солҳои зиёд ба ҳайси шогирди рассоми Комбинати хизмати маишии ноҳияи Фархор, мухбир-суратгири рӯзномаи «Гулистон»-и ноҳияи Фархор, мудири шуъбаи сурат-ахбори ТоҷикТА, сармуҳаррири редаксияи «Фотохроника»-и ТоҷикТА, мухбир-суратгири рӯзномаи “Тоҷикистон” ва ахиран мухбир-суратгири Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» фаъолият намудааст.

Гуфта мешавад, ки Мақсудҷон Муҳиддинҷонов солҳои зиёд ҳамчун суратгири Президенти Тоҷикистон хизмати шоиста намуда, бо медали Хизмати шоиста ва Корманди шоистаи Тоҷикистон қадрдонӣ гардидааст.

Тавре ҳамкорони Мақсудҷон Муҳиддинҷонов мегӯянд, дар бойгонии ӯ аксҳои таърихӣ зиёданд. Аз ҷумла, сурати таърихии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми аз модари худ дуо гирифтанро низ Мақсудҷон Муҳиддинҷонов аксбардорӣ намудааст.

P.S.

Аҳли эҷоди рӯзномаи «Тоҷикистон» ва сомонаи Pressa.tj аз марги ҳамкасби худ Мақсудҷон Муҳиддинҷонов андуҳгин буда, ба пайвандону наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Мавлудномаҳо

• 17 АВГУСТ •

Яъқуб Калонтаров (1903-1988), 120-солагии зодрӯзи луғатшинос.

Ҳадяи Бухорой (Саломат Рачабова) (1948), 75-солагии зодрӯзи шоир.

• 18 АВГУСТ •

Лафиз Бобоев (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Искандар Икромов (1943), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Борис Заходер (1898-1960), 125-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Виктор Фомичев (1923-1990), 100-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

• 19 АВГУСТ •

Абдуалим Абдуназаров (1933), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

Нерё Давидов (1908-1983), 115-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Қосим Ҳакимзода (1913-1972), 110-солагии зодрӯзи арбоби давлатию фарҳангӣ.

• 20 АВГУСТ •

Мусаввада Азизӣ (1923), 100-солагии зодрӯзи нависанда.

Мирзошоҳрух Асрорӣ (1953), 70-солагии зодрӯзи арбоби давлатию фарҳангӣ.

Абдуқаюм Аслонов (1948-2013), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Каримҷон Булбулов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Қодир Ғафуров (1948), 75-солагии зодрӯзи мутарҷим, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Заррагул Искандарова (1938-2016), 85-солагии зодрӯзи актрисаи театр, раққоса, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Офоқхон Катаев (1943), 80-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Абдулаҳад Мирзоаҳмадов (1943), 80-солагии зодрӯзи наттоқи ТВ.

Ҷамшед Ҳомидов (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи сиёсатшиносӣ.

Панҷшанбе Ҷорубов (1953), 70-солагии зодрӯзи сароянда.

• 21 АВГУСТ •

Абдуқодир Азимов (1913-1969), 110-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Абдулҳаким Ғуломзод (1923-2011), 100-солагии зодрӯзи нависанда.

Людмила Медведева (1948), 75-солагии зодрӯзи сароянди опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Ҷамшед Мироқилов (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Зоир Юсуфҷонов (1953-2015), 70-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

• 22 АВГУСТ •

Нуъмон Ашӯров (1933), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Муродҷон Зоиров (1943), 80-солагии зодрӯзи актёри театр.

Карокатулло Қаландаров (1938-2009), 85-солагии зодрӯзи забоншинос, профессор.

Фаридун Неъматзода (1958), 65-солагии зодрӯзи рассом.

• 23 АВГУСТ •

Муҳиддин Муъминов (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Яков Налский (1913-1985), 110-солагии зодрӯзи нависанда, фолклоршинос, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Бахтиёр Орифов (1968), 55-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Луи Лангле (1763-1824), 260-солагии зодрӯзи шарқшиноси фаронсавӣ, муҳаққиқи адабиёти классикии форстоҷик.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

►ҲАВЛӢ

►Ҳавлӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳоз, дарову зиндагӣ кун ё бо 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

НИЁЗ ДОРЕМ

►КВД "Корҳои Машинасозӣ" барои кор мутахассисони зеринро ҷалб менамояд: оператори корҳои оҳангудозӣ, қолабгир, рехтагар, электрики таҷрибадор, оҳантарош, харрот, молшинос, ҳуқуқшинос, муҳосиб, механик-челонгар. Тел.: 918-82-19-65

ХИЗМАТРАСОНӢ

►Насбкунӣ ва ҷӯрсозии антеннаҳои параболӣ. Тел.: 93-440-93-03, 886-886-181, 918-79-05-65

►Насбкунӣ ва ҷӯрсозии антеннаҳои параболӣ. Тел.: 777-11-11-98, 209-88-80-88

ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Кенҷаев Толибҷон Зиёдуллоевич, РЯМ: 0130152706, РМА: 126035915, соли 2017, ки дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

►Шиносномаи техникӣ, варақаи бақайдгирӣ, №25527 аз 08.04.1999 ва шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №6Д-1961 аз 18.07.2000 ба номи Ашурова Давлатмо Одинаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, к. Деҳотӣ 21/1, ҳ. 27, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Олимов Шамшод Шукруллоевич, №0381075, РЯМ: 4130030080, РМА: 415041184, санаи судур 21.06.2019, ки дар Нозироти андози ш. Норак ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

►Шиносномаи хориҷии 400623487 ба номи Каримов Насим Муродалиевич, ки санаи 29.04.2015 аз ШВКД-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №1/8н/2022-1-849 ба номи Умаров Искандар Тошназарович ва Умаров Абдухалил Искандарович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ 343, ҳ. 2, ки аз 10-уми марти соли 2022 дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудаанд, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шиносномаи техникӣ ва шартномаи ҳадяи №1Ш-1038 аз 19.09.2005 ба номи Юлдашева Мастура Сабировна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. М. Мастонгулов 156, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Юлдашева Мастура Сабировна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Борбад 108, ҳ. 48, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирии Розиков Хуршедчон Насимчонович, РЯМ: 0730185363, РМА: 165424186, ки аз 27.12.2018 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирии х/д Хуршед-2007, РЯМ: 0730021270, РМА: 075298058, ки аз 08.05.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дипломи КВ №594232, рақами қайд №2533, ба номи Карамалишоева Шамсия Амбаршоевна, ки санаи 9-уми июли соли 1984 аз ҷониби ДДОТ ба номи С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ, варақаи бақайдгирӣ №1319 ба номи Шарипов Мухиддин, н. Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, к. Сомониён 211, соли 2007, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Тураев Умедчон, РЯМ: 0730215063, РМА: 076032568, ки аз 23.06.2021 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Табаров Дилшод Ҳабибулоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Хоҷанбиёи поён, хонаи 35/3, соли 2022, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 8Д-6721, ки аз 25.11.2002 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Мусоев Тоҷидин Мухитдинович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Ҳилолӣ, хонаи 50 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун ва дубликати он таҳти феҳристи 4Н-78, кори меросии рақами 44/2016, ки аз 26.10.2016 дар Идораи нотариалии давлатии ш. Ҳисор ба номи Каримова Гуландом Абдуҷаборовна Хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо суроғаи ш. Ҳисор, кӯчаи А. Сино (52) ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 1Ш-900, ки аз 06.06.2003 дар Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Бурҳонов Хурсандбек Маҳмадуллоевич бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи 3, гузаргоҳи Айнӣ, хонаи 3, ҳ. 34 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира ва дубликати он таҳти феҳристи 8Д-5948, ки аз 20.12.2000 дар Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба номи Ҳаитбаева Оля Урозбаевна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, хонаи 103, ҳ. 4 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши 7-1/сб литери хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 1Ш-528, ки аз 29.03.2014 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Бобоҷонов Зубайдулло Каримович бо суроғаи н. Рӯдакӣ шаҳраки Сомониён, кӯчаи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 1Ш-392, ки аз 05.02.2019 дар Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба номи Гадоева Хайринисо Акбаровна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Қазоқон, хонаи 55 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Масаидов Олимҷон, РМА: 037238606, РЯМ: 0331245897, ки дар қайди Нозироти андози ноҳияи Сомонӣ мебошад, гум шудааст.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

►ҶДММ "Нури Сафо 2020", №0267041, РЯМ: 0310020618, РМА: 030032345, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►КТ "Ҳотам А", РЯМ: 331000821З, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ "Олами Бурд", №2, РЯМ: 0310021168, РМА: 030032964, воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ фаъолияташро қатъ менамояд.



БОЗИҲОИ ИДМ

ТОҶИКИСТОН БО 13 МЕДАЛ 8-УМ ШУД

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар Бозиҳои 2-юми кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо 13 медал (1 тилло, 3 нуқра, 9 биринҷӣ) ҳаштум шуд. Дар ин Бозиҳо, ки варзишгарон аз 22 кишвар ширкат карданд, Тоҷикистонро 132 варзишгар дар 13 намуд намояндагӣ карданд.



Нишони тиллоро аз Тоҷикистон Меҳроҷ Суфиҷонов зери вазни то 48 кг дар намуди бокс ба даст овард. Муштазани тоҷик Меҳроҷ Суфиҷонов дар марҳилаи ниҳоӣ варзишгари тоҷиктабори Қирғизистон Зафарбек Комиловро мағлуб кард. Муштзани дигари тоҷик Анӯшервон Фозилов дар вазни 51 кг дар ин рӯз соҳиби медали нуқра шуд.

Ҳангома Исоева миёни духтарон дар вазни то 57 кг, миёни писарон Бузургмеҳр Иксанов (-54 кг), Рустамҷон Ашӯров (-67 кг), Акмалҷон Абдувалиев (-86 кг) ва Руслан Федорин (-92 кг) соҳиби медалҳои биринҷӣ шуда буданд.

Паҳлавони ҷавони тоҷик Лоиқ Қутбиддинов дар ҷудо дар вазни то 55 кг медали нуқра ба даст овард, Мадина Қурбонзода дар вазни то 48 кг дар ҳамин намуди қуштӣ медали биринҷӣ гирифт.

Мустафо Аҳмадов дар куштии озод дар вазни то 70 кг ва Сомонҷон Икромов дар вазни то 79 кг медалҳои биринҷӣ ба даст оварданд. Медали биринҷиро Асламҷон Азизов дар куштии юнону румӣ дар вазни то 60 кг соҳиб шуд.

Дар куштии самбо Деваштич Убайдӣ барандаи медали нуқра шуд. Деваштич дар марҳилаи ниҳоии мусобиқа бо далели шикастани қабурғааш натавонист барои медали тилло мубориза барад.

Ба ин тартиб Тоҷикистон бо гирифтани 13 медал дар Бозиҳои 2-юмин кишварҳои узви ИДМ дар Белорус дар мақоми ҳаштум қарор гирифт.

Дар садри ҷадвал аз рӯи шумораи медалҳо аввал Русия (288 медал), баъдан Белорус (236 медал) ва Ӯзбекистон (106 медал) қарор гирифтаанд.

ҶУДО

ШИРКАТИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ZAGREB GRAND PRIX 2023

Аз 18-ум то 20-уми август ҷудокорони дунё дар мусобиқаи байналмилалии Zagreb Grand Prix 2023 дар Хорватия ба масофи ҳам меоянд.



Мусобиқа дар шаҳри Загреб ҷараён гирифта, дар он 561 ҷудокор, 339 мард ва 222 зан аз 88 кишвари дунё, дар 7 вазн барои ба даст овардани нишонҳои фахрӣ қувваозмоӣ мекунанд.

Тоҷикистонро дар ин мусобиқаи фарокоравӣ Муҳамадсолеҳ Қувватов (-60 кг), Мехрзод Суфиев (-60 кг), Обид Ҷебов (-66 кг), Маҳмадшариф Наҷмиддинов (-73 кг) ва Ҷаҳонгир Маҷидов (-90 кг) намояндагӣ мекунанд. Маросими қуръакашии мусобиқа рӯзи 17-уми август баргузор мегардад.

Дастаи мунтахаби ҷудои Тоҷикистон дар рейтинги ҷаҳонӣ бо 18 832 имтиёз дар зинаи 34-ум аст. Дастаҳои мунтахаби Ҷопон, Фаронса, Нидерланд, Бразил ва Олмон дар панҷгонаи авваланд. Дар ин рейтинг Ӯзбекистон 8-ум, Қазоқистон 14-ум, Қирғизистон 51-ум ва Туркманистон 71-уманд.

ФУТЗАЛ

ДАВРИ 7-УМИ СУПЕРЛИГАИ ТОҶИКИСТОН-2023 БЕ ҲАНГОМА ҶАМЪБАСТ ШУД



Даври ҳафтуми мусобиқаи Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2023 бе ҳангома ба анҷом расид.

Пешсафи ягонаи чемпионат дастаи «Истиқлол»-и Душанбе аст, ки боз ҳам ғалаба ба даст овард.

Даври ҳафтуми Суперлигаи кишвар натиҷаи ғайричашмдошт ба бор наовард. «Истиқлол» бар «Пойтахт» (12:2) пирӯзии осон ба даст овард ва «Соро компания» бошад, бар «Самандар» (15:2) раҳм накард. Дар вохӯрии дигар футзалбозони «Истаравшан» ва «Амонатбонк» мусовӣ (2:2) бозӣ карданд.

Баъди ҳафт давр «Истиқлол» бо 19 имтиёз дар ҷадвали мусобиқа пешсаф аст. «Соро компания» бо 16 имтиёз дар ҷои дуюм қарор дорад. Зинаи сеюмро «Амонатбонк» бо дарёфти 10 хол аз худ кардааст.

Рӯзҳои 19 ва 20-уми август бозиҳои даври ҳаштуми Суперлигаи Тоҷикистон-2023 баргузор мешаванд.

ФУТБОЛ

4 ДАСТА БА МАРҲИЛАИ НИҲОИИ ГУРӮҲИ «А»-И ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН РОҲ ЁФТАНД

То анҷоми марҳилаи дуюми Чемпионати футболи Тоҷикистон-2023 байни дастаҳои Лигаи олӣ як даври дигар боқӣ мондааст, ки пас аз он ҳайати дастаҳои ширкаткунандаи ду гурӯҳи марҳилаи ниҳоӣ муайян мешаванд.

То кунун «Истиқлол», «Кӯктош», «Равшан» ва «Эсхата» барои худ ҷойро дар гурӯҳи «А»-и марҳилаи ниҳоӣ кафолат доданд. Боз як дастаи гурӯҳи якум баъди даври ҳаждаҳум муайян мегардад.

Маҳз даври 17-ум дастаҳои аввалини ширкаткунандаи марҳалаи ниҳоиро маълум кард. Дар ин давр «Эсхата»-и Хуҷанд, пас аз ду бохт дар оғози нимаи дуюми Чемпионати Тоҷикистон-2023, дар майдони худ бар «Хатлон»-и Бохтар бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд.

«Ҳосилот»-и Фархор дар ин давр бар яке аз пешсафони Лигаи олӣ «Куктош» бо ҳисоби 3:1 ғалаба кард. Баъди ин комёбӣ дастаи ноҳияи Фархор дар ҷадвали мусобиқа ба зинаи ҳафтум баромад.

«Равшан»-и Кӯлоб дар майдони худ бар КМВА-и пойтахт бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд.

Вохӯрии миёни дастаҳои «Регар-ТадАЗ» ва «Хуҷанд», ки дар варзишгоҳи «ТАЛКО-Арена»-и шаҳри Турсунзода баргузор шуд, мусовӣ (1:1) анҷом ёфт.

«Истиқлол»-и Душанбе бар «Файзканд»-и Восеъ бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуда, бартарии худро нисбат аз таъқибгаронаш дар ҷадвал афзоиш дод.

РЕЗААХБОР

Аз 19 то 23-юми август дар шаҳри Будапешти кишвари Маҷористон Чемпионати ҷаҳонии варзиши сабук баргузор мешавад, ки дар он 2000 варзишгар тақрибан аз 200 даста ширкат мекунанд. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа як нафар намояндагӣ мекунад. Ӯ Фаворис Музарапов аст, ки дар давидан ба масофаи 100 метр рақобат хоҳад кард. Касе дар ин масофа рекорд гузорад, соҳиби 100 000 доллар мешавад.

***

Дастаи нави наврасони Тоҷикистон (U-15), ки моҳи октябри соли оянда дар мусобиқоти интихобии Ҷоми Осиё-2025 ширкат мекунад, дар Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) бозӣ хоҳад кард. Чемпионати CAFA-2023 байни дастаҳои наврасон (U-17) аз 20 то 27-уми август бо ширкати дастаҳои Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва Қирғизистон дар Варзишгоҳи марказии Ҳисор баргузор мешавад.

***

Конфедератсияи футболи Осиё (КФО) мусобиқаҳои байни кулбҳоро ба се расонд. Акнун мусобиқаи бонуфузи қора бо номи Элитаи Лигаи қаҳрамонҳои КФО (ACLE) ёд мешавад, ки дар он 24 клуби беҳтарини қитъа бозӣ мекунанд. Мусобиқаи дуюм Лигаи қаҳрамонҳои КФО 2 (ACL2) аст, ки аз 32 даста иборат хоҳад буд ва мусобиқаи сеюм Лигаи даъвати AFC (ACGL) тасдиқ шудааст, ки 20 клуб бозӣ хоҳанд кард.

***

Футболбози бразилӣ Неймар, ки дар ҳайати дастаи ПСЖ (Фаронса) бозӣ мекард, дар мавсими нав бо дастаи арабии «Ал-Ҳилол» шартнома баст. Неймар бо ин даста шартномаи дусола ба имзо расонд, ки дар маҷмуъ тақрибан 300 миллион евро ба даст меорад. Ӯ бо рақами 10 бозӣ мекунад ва қарор аст сарвони даста бошад. Ба Неймар соҳибмулкони дастаи «Ал-Ҳилол» ҳавопаймои хусусӣ туҳфа кардаанд.



Каллағафс

Писарбача ба модараш шикоят мекунад:

- Оча, бачаҳо дар мактаб мегӯянд, ки каллаи ман калон аст ва каллағафс гуфта, масхара мекунанд.

Модар мегӯяд:

- Ту ҷазояшонро деҳ, охир!

Писарбача мегӯяд:

- Онҳо аз ман тавассути даҳлезҳои танг мегурезанд.

Ҳисобӣ

Саррори тарабхона ба пешхизмат мегӯяд:

- Мебинам, ки як мизоҷатон як соат боз сарашро болои миз гузошта хоб рафтааст. Чаро ӯро аз дар берун намекунӣ?

Пешхизмат мегӯяд:

- Ман баъди ҳар даҳ дақиқа ӯро бедор мекунам, ӯ барои хӯроки хӯрдааш ҳисобӣ мекунаду боз хобаш мебарад.

Тухми шикаста

Марде ба мағоза медарояд:

- Тухм чанд сомонӣ?



Фурӯшанда дар ҷавоб:

- 1 сомониву 50 дирам. Тухмҳои шикастаро бошад, 50-дирамӣ мефурӯшем.

Мард мегӯяд:

- Ин тавр бошад, ба ман даҳ дона тухмро шикаста диҳед.

Ханда

Марде дар назди духтур шикоят мекунад:

- Доктор, ман баъди маошамро гирифтан чунон механдам, ки як лаҳза ором шуда наметавонам.

Духтур мегӯяд:

- Нағз ку, ханда умри одамро дароз мекунад!

Мард мепурсад:

- Яъне, ман то нафақа расида метавонам?

Духтур дар ҷавоб:

- Албатта! Баъди гирифтани нафақа хандаатон дучанд мегардад!

Гурба

Дар утоқи духтури асаб модару писарчаи чорсолааш қарор доранд. Табиб савол медиҳад:

- Бачаҷон, канӣ гап зан, гурба чанд пой дорад?

Писарбача дар ҷавоб:

- Чорто.

Духтур боз мепурсад:

- Гурба чанд гӯш дорад?

- Чор гӯш.

Духтур:

- Гурба чанд чашм дорад?

Писарча:

- Дуто.

Духтур:


- Бачаҷон, гурба дум дорад?

Писарача ин дафъа ба модараш нигариста, мегӯяд:

- Оча, ин аблаҳ дар умраш гурбаро надидааст чӣ?

Таҳияи
Н.РАҶАБОВА

Сканворд





Таваллуд пулакӣ нест

Аз ҳамсари дӯстам, ки нав аз таваллудхона бо тифли навзод баромада буд, пурсидам:

- Рост аст, ки таваллуд пулакӣ шудааст?

Гуфт:

- Дурӯғ. Ман таваллуд кардам, касе пулам надод.

Сезонаш нест

Аз говдузде пурсидам:

- Чаро говдуздиро бас кардӣ?

Гуфт:

- Ҳоло сезонаш нест. Говҳо хароб.

Хар таксӣ аст

Аз хардузде пурсидам:

- Ту чаро фақат хар медуздӣ?

Гуфт:

- Хар таксӣ аст. Медуздам, то ҷойи даркорӣ савор мешавам. Баъдан мефурӯшаму боз ба роҳам идома медиҳам.

- Ҳар чанд вақт ин амалатро такрор мекунӣ?,- пурсидам бо кунҷковӣ.

Гуфт:

- Ҳар вақте ки дар роҳ бо хари дигаре рӯ ба рӯ шавам.

Зиндагӣ дар қабристон

(Аз нақли ҳамсабақам Фурқатҷон Мукумов)

Мо ҳар сол баъд аз ҷамъоварии ҳосил ниҳолҳои анорро зери хок мекунем, то дар фасли зимистон хунук назанад. Рӯзе як рафиқи писарам аз Русия занг зада, баъд аз ҳолпурсӣ хоҳиш кард, ки бинои хона ва муҳити атрофи онро ба ӯ нишон диҳем. Ман камераро ба тарафи замин гардонида, гирду атрофро нишон дода, гуфтам:

- Марҳамат, тамошо кун! Ин аст хонаву дар, замин ва ҷойи зиндагии мо.

Ӯ теппачаҳои атрофи хонаро, ки ба ҷойи ниҳолҳои анор пайдо шуда буданд, қабр гумон карда, пурсид:

- Шумо магар дар қабристон зиндагӣ мекунед?

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА